№10 (157)
6 октябри соли 2021

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

**Шумораи махсус бахшида ба «СОЛИ 2021 - СОЛИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ ДАР ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ»**

## ДАР ИН ШУМОРА:

«МО ШАҲРҲО МЕОФАРЕМ ВА БАЪД ШАҲРҲО МОРО МЕОФАРАНД»



сах. 4

«В АРХИТЕКТУРЕ ВСЕГДА ДОЛЖНЫ СОХРАНЯТЬСЯ НАЦИОНАЛЬНЫЕ ТРАДИЦИИ И КУЛЬТУРА»



стр.6

ЛУЧШИЕ АРХИТЕКТУРНЫЕ РЕШЕНИЯ В ГОСУДАРСТВАХ-УЧАСТНИКАХ СНГ ЗА 30 ЛЕТ СУВЕРЕНИТЕТА



стр.10

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВАРЗИШГОҲИ ШАҲРИ ХОРУҒ



***Ҳамватанони азиз!***
***Муҳтарам намояндагони мардуми Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон!***

Дар ин лаҳзаҳое, ки мову шумо ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон - сисолагии истиқлолу озодии Ватани азизамон - Тоҷикистон ҷамъ омадаем, кулли сокинони сарбаланди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва ҳамаи шумо - ҳозирини гиромиро ба муносибати ин санаи таърихиву тақдирсоз самимона табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар як сокини вилоят сулҳу оромӣ, тандурустиву хушбахтӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

**>>> Идомааш дар саҳ. 2>>>**

# ТАБРИКОТИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД БА МЕЪМОРОНИ ҶУМҲУРӢ БАХШИДА БА ИДИ КАСБИАШОН

***Муҳтарам меъморон ва собиқадорони соҳа, ҳамкасбони азиз!***

Ҳамаи шуморо бо ҷашни касбиатон - Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ сидқан табрик намуда, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти ҳаррӯзаатон ба хотири шукуфоии Ватани азизамон дастовардҳои нав ба нав орзу менамоям!

Меъморӣ шуғли мураккаб ва пурмасъулият буда, яке аз касбҳои бонуфуз дар ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, барои ташаккули пойдории зисту зиндагонии мардум мо меъморону сохтмончиён дар назди ҷамъият, дар назди наслиояндаи миллат як масъулияти хосаеро ба уҳда дорем.

Бисёр муҳим аст, ки меъморон анъанаҳои бойи миллии аз наслҳои гузаштаамон боқимондаро нигоҳ медоранд, барои маҳфуз ва эмин нигоҳ доштани мероси таърихию фарҳангиамон диққати ҷиддӣ медиҳанд ва дар баробари ҳамаи ин барои тарбия ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд саҳм мегузоранд.

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ин самт эҷодиёти бойи миллӣ, таҷриба ва истифодаи усулҳои навини меъморони ҷумҳурӣ метавонад имконияти сохтмони биноҳои истиқоматии камхарҷ ва бо ҳузуру ҳаловатро барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба бор оварад.

**>> Идомааш дар саҳ. 3 >>**



# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ

**<< Идома аз саҳ. 1 <<**



Дар давоми чанд рӯзе, ки мо бо сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят қарор дорем, хуб мушоҳида кардем, ки мардуми заҳматкаши Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар қатори дигар сокинони мамлакат барои сазовор пешвоз гирифтани ин чашни воқеан таърихӣ бисёр корҳои ободониву созандагиро анҷом додаанд ва дар натиҷаи чунин иқдомоти ватандӯстона шаҳру ноҳияҳои вилоят боз ҳам ободу зебо ва шароити зиндагии мардум хеле беҳтар гардидааст.

Тибқи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ дар ҳудуди вилоят то имрӯз 743 иншоот ба маблағи умумии 927 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шуда, дар онҳо зиёда аз 3200 ҷойи нави корӣ ташкил гардидааст.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ то имрӯз ба хотири рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он беш аз 21 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Танҳо соли 2020 ва шаш моҳи соли 2021 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмини фаъолияти соҳаҳои мухталиф, бунёди иншооти иҷтимоӣ, таъмиру азнавсозии роҳу пулҳо, корҳои сохтмону ободонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дастгирии буҷети вилоят 922 миллион сомонӣ равона шудааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят 33 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз се миллиард сомонӣ ба анҷом расида, ҳоло татбиқи 14 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии се миллиарду 300 миллион сомонӣ идома дорад.

Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2021-2025 амалисозии боз 135 лоиҳа ба маблағи умумии қариб 4,8 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қариб 3765 гектар замин ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои коммуналӣ ва беҳтар намудани ҳолати беҳдоштиву обтаъминкунии аҳолӣ дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 91 миллион сомонӣ ҷудо гардида, то имрӯз корҳо ба маблағи беш аз 22 миллион сомонӣ иҷро шудаанд.

Қобили зикр аст, ки маҷмӯи маҳсулоти минтақавии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои охир бомаром афзоиш ёфта, ба 1,1 миллиард сомонӣ дар соли 2020 расидааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 21 баробар ва ба ҳар як нафар аҳолӣ 97 баробар афзудааст.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар имкон доданд, ки сатҳи камбизоатӣ дар вилоят аз 97 фоизи соли 1999 то ба 29,7 фоиз дар соли 2019 паст карда шавад.

Тавре шумо огоҳ ҳастед, саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар эълон гардидааст.

Вобаста ба ин, ёдовар бояд шуд, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имконияту захираҳо барои рушди истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ хеле зиёд мебошанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ноҳияҳои Мурғоб ва Дарвоз корхонаҳои бузурги соҳаи истихроҷ таъсис ёфта, ҳоло муваффақона фаъолият карда истодаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва фаъолияти пурмаҳсули сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар даврони 30-соли истиқлоли давлатӣ соҳаи кишоварзӣ сол ба сол рушд ёфта, барои таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар саҳми назаррас гузошта истодааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят соли 2020 ба 573 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд мебошад.

Соли 2020 нисбат ба соли 1991 истеҳсоли ғалладонагиҳо 1,7 баробар, аз ҷумла, гандум 2,6 баробар, картошка 3,2 баробар, сабзавот 3,8 баробар ва мева 17 баробар афзудааст.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба тамоми кишоварзони вилоят барои заҳмати содиқона ва чунин дастовардҳои назаррас сипосу миннатдорӣ баён мекунам.

Ҳамдиёрони азиз!

Дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати мамлакат дар роҳи расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва бо неруи барқ таъмин намудани Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бисёр корҳои муҳим амалӣ карда шудаанд.

Сохтмон ва таъмиру азнавсозии як қатор нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва офтобӣ, сохтмони хатти баландшиддати интиқоли барқи «Тангӣ-Хоруғ», дигар хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ва таъсис додани нахустин лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ - Ҷамъияти саҳҳомии «Помир Энерҷӣ» дар рушди соҳаи энергетикаи вилоят нақши басо муҳим гузоштанд.

Дар маҷмӯъ, дар давраи соҳибистиқлолӣ дар соҳаи энергетикаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 24 лоиҳаи хурду миёна ба маблағи умумии 1,7 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, имрӯзҳо амалисозии боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи зиёда аз 1,1 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар ин давра дар ҳудуди вилоят 31 мегаватт иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ, аз ҷумла, нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб бо иқтидори 200 киловатт бунёд гардида, 13,6 мегаватт иқтидорҳои мавҷуда таҷдиду азнавсозӣ карда шуданд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи давлату Ҳукумат ҳудуди барқтаъминкунӣ дар вилоят васеъ гардида, аз 13 фоизи солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба 96 фоиз расонида шуд ва бо татбиқ гардидани якчанд лоиҳаи энергетикии дигар вилоят 100 фоиз бо барқ таъмин карда мешавад.

Бо ин мақсад, ҳоло амалисозии лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт идома дошта, мувофиқи нақша дар нимсолаи аввали соли 2023 ба истифода дода мешавад, ки илова ба таъмин кардани Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар мусоидат менамояд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати бунёди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, дар даврони соҳибистиқлолӣ 11 лоиҳаи сармоягузории давлатиро ба маблағи зиёда аз 2,3 миллиард сомонӣ амалӣ намуд.

Дар натиҷа бунёду азнавсозии 373 километр роҳҳои аҳамияти байналмилалидошта ва 40 пул ба анҷом расонида шуд.

Илова бар ин, ду рӯз пеш қитъаи роҳи Шкев - Қалъаи Хумб ба дарозии 26 километр ифтитоҳ гардид.

Ҳоло дар соҳаи роҳсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон татбиқи боз 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,2 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар доираи лоиҳаҳои дар вилоят амалишудаистода, дар маҷмӯъ, 70 километр роҳҳои вилоят азнавсозӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла, қитъаи Кӯлоб - Шамсиддини Шоҳин ба масофаи 32 километр рӯзҳои наздиктарин ҳангоми сафари корӣ мо ба вилояти Хатлон ифтитоҳ мегардад.

Иловатан, бо супориши Роҳбари давлат аз ҳисоби маблағҳои сарфашуда азнавсозии боз 38 километр роҳи Шкев - Зиғар, инчунин, дар мавзеи Широговади ноҳияи Дарвоз ба дарозии 360 метр бунёди нақб барои ҳимояи роҳ аз фаромадани тарма нимаи якуми соли 2022 анҷом меёбад.

Ҳамчунин, аз 17 пули дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон банақшагирифташуда соли 2021-ум 14 пул, аз ҷумла, дар ноҳияи Дарвоз 2 пул, ноҳияи Ванҷ 8 пул, ноҳияи Рӯшон 1 пул ва ноҳияи Мурғоб 3 пул ба истифода дода мешавад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба маблағи умумии 300 миллион сомонӣ 180 муассисаи нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ бо 40 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудаанд.

Танҳо дар соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 11 бинои нави таълимӣ бо 2135 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуда, соли 2021 сохтмони боз 8 бинои иловагӣ барои 1000 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар 25 соли охир зиёда аз 3600 нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дохил шудаанд.

Ҳозирини гиромӣ!

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои асоситарину афзалиятнок эълон гардида, барои рушди онҳо ҳамаи тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Танҳо дар соли 2021 барои соҳаи тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз буҷети давлат ҷудо кардани 92 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 15 фоиз зиёд мебошад.

То соли 2006 ба аҳолии вилоят 246 муассисаи тиббӣ хизмат мерасонид.

Имрӯз шумораи чунин муассисаҳо ба 347 расида, ҳамаи онҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин карда шудаанд.

Бо мақсади ҳалли масъалаи нарасидани мутахассисон дар соҳаи тандурустии вилоят ҳоло аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 292 нафар, аз ҷумла, бо квотаи президентӣ 190 нафар ҷавонон таҳсил карда истодаанд.

Аз соли 1991 то инҷониб аз вилоят дар муассисаи зикршуда 1104 нафар донишҷӯён таҳсил кардаанд, ки 400

# ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВАРЗИШГОҲИ ШАҲРИ ХОРУҒ

нафари онҳо бо квотаи президентӣ қабул карда шудаанд.

Инчунин, дар давраи соҳибистиқлолӣ 3802 нафар ҷавонони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон коллеҷҳои тиббии кишварро хатм карда, ҳоло дар ин муассисаҳо боз 579 нафар таҳсил карда истодаанд.

Ҳамдиёрони азиз!

Як нуктаи муҳимро мехоҳам хотирнишон созам, ки мову шумо ба чунин дастоварду пешравиҳои таърихӣ дар кишварамон, аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ноил гардидем.

Бинобар ин, ҳифзи неъмати азизтарини зиндагиамон - истиқлоли давлатӣ ва дастоварди бузургтарини он - сулҳу суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ, заҳмати аҳлона ва содиқонаву софдилона ба хотири



ободии Ватан, пешрафти давлат ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло бурдани обрӯи миллати тоҷик ва давлати тоҷикон вазифаи ҷонии ҳамаи мову шумо, яъне ҳар як фарди бонангу номус, огоҳу бедордил ва ватандӯсту ватанпараст мебошад.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ ва шарафу номуси ватандории мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон итминони комил дорам, бо кору пайкор ва садоқати фарзандони накӯноми онҳо ифтихор менамоям ва дилпурона изҳор медорам, ки мардуми бошарафи вилоят минбаъд низ ба Ватан, миллат ва давлати соҳибихтиёри худ содиқона хизмат мекунанд.

Бори дигар тамоми сокинони шарафманду ватандӯсти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷмандро ба ифтихори сиюмин солгарди истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамон самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, зиндагии босаодат ва файзу баракат орзу менамоям.

Ҳамеша саломат, сарбаланд ва сарфароз бошед, ҳамдиёрони азиз!

# ТАБРИКОТИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД БА МЕЪМОРОНИ ҶУМҲУРӢ БАХШИДА БА ИДИ КАСБИАШОН

**<<< Идома аз саҳ. 1 <<<**

Ҳамзамон симои шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишинро зебо ва барои зиндагӣ муносиб гардонад.

Бояд таъкид намуд, ки дастирию ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешрафти соҳаи меъморӣ ва сохтмон пайваста эҳсос мегардад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати заҳмати созандаву фидокоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи Тоҷикистон ба дастовардҳои арзанда дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ расидааст, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар авҷ буда, дар ин радиф иншооти меъмории боҳашамату нотакрор, ба монанди биноиҚасри миллат, Кохи Наврӯз, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Нишону Парчами давлатӣ қомат афрохтаанд, ки барои мардуми кишвар дар пешравӣ, ташаккул ва худшиносии миллӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, барои сайёҳон ҷойҳои тамошобоб ба ҳисоб мераванд.

Дастовардҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки дар




пойтахти Тоҷикистони азизамон сохтмони манзил, меҳмонхонаҳо ва иншооти иҷтимоию фарҳангӣ васеъ ба роҳ монда шуда, дар муддати начандон тӯлонӣ намуди пойтахтамон дигаргун, зебо ва дилписанд гардидааст. Услуби якҷояи Аврупо ва Шарқ ва меъмории миллӣ, ки дар сохтмони иншоот ва биноҳо истифода мешаванд, шаҳри Душанберо ба пойтахти замонавию беназир мубаддал мегардонад ва ин маҳсули кори меъморони тоҷик мебошад.

Бояд қайд намуд, ки бо қабул ва татбиқи як қатор санадҳо ва нақшаҳои тарҳрезишуда соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони мамлакатамон бемайлон рушд намуда истодааст.

Бо мақсади танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ тавассути татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ ва амалӣ намудани идоракунии давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ аз ҷониби Кумита бо ҷалби мутахассисони ботаҷриба "Стратегияи миллии рушди соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳия гардид ва айни замон дар мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор дорад. Бо қабули санади мазкур самтҳои асосии рушди соҳа муайян гардида, барои пешрафти соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободониву созандагӣ ва бунёди бинову иншооти мухталиф дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар бо маром ҷараён дошта, то ин замон зиёда аз 23 ҳазор иншоот сохта ба истифода дода шуд.

Меъморон масъулияти касбии худро нисбат ба пешрафти соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк менамоянд ва ҳамарӯза барои амалӣ гардонидани вазифаи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Қобили зикр аст, ки меъморони ҷумҳурӣ дар корҳои лоиҳакашии сохтмони бинову иншооти ҷашнӣ ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуда, барои боз ҳам зебо ва обод гардонидани Ватани азизамон саҳми босазои худро гузоштанд.

Бори дигар ҳамаи Шумо - ҳамкорони азиз, меъморон ва собиқадорони соҳаро бо ҷашни касбиатон муборакбод гуфта, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти касбиятон қуллаҳои баланди тахассусӣ, муваффақиятҳои беназиру дастовардҳои нав ба навро ба хотири татбиқи нақшаҳои тарҳрезишуда баҳри шукуфоии Ватани азизамон орзу менамоям!

***Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ муборак, ҳамкасбони гиромӣ!***

**Бо эҳтиром,
Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Маҳмадсаид ЗУВАЙДЗОДА**



# «МО ШАҲРҲО МЕОФАРЕМ ВА БАЪД ШАҲРҲО МОРО МЕОФАРАНД»



***Санъати меъморӣ дар ҳама асру замон, яке аз ҷабҳаҳои муҳимтарини муаррифгари тамаддун, маърифат ва тафаккури таърихиву ҷамъиятии ҳар як халқу миллат ба ҳисоб меравад. Пӯшида нест, ки дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз огози Истиқлолияти давлатии мамлакат инҷониб, ба ин масъалаи ниҳоят мубраму назарраси рушди ҷамъият, пешравии бемайлонаи санъати меъмориву шаҳрсозӣ, ки таъриху анъанаҳои миллии ҳазорсола дорад, аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат, алалхусус Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти хосаву эҷодкоронае дода мешавад.***

Натиҷаи ҳамин ғамхориву фидокориҳо буд, ки ҳоло бо саъю кӯшиш ва талоши меҳанпарастонаи меъморону мутахассисони соҳа, дар давраи начандон калони таърихӣ, санъати меъмориву шаҳрсозии таърихан куҳану мазмунан муосири тоҷик ба дастовардҳои назаррасу муҳим соҳиб гашта, дар арсаи байналмилалӣ як мавкеъи муайянеро ишғол менамояд.

Ҳоло бошад, бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки имсол таҷлил гардид, дар саросари мамлакат садҳо бинову иншооти замонавию тозабунёд мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта истодаанд.

Дар марҳилаи ҳозира нахуст лозим аст, ки дар қалби ҳар як шахс аз синни кӯдакиаш сар карда, ҳисси ғурур ва муҳаббат нисбат ба деҳа ва шаҳре, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, пайваста, фаъолона тарбия карда шавад. Ин кор аз бисёр шароитҳо вобаста мебошад ва пеш аз ҳама аз муҳити гирду атроф, яъне муҳити меъморӣ вобастагии калон дорад.

Бархӯрдории ҳамарӯза бо муҳити меъморӣ дар натиҷа на камтар аз адабиёт ё мусиқӣ дар ташаккули шахсиятҳои солим таъсир мерасонад. Дар Юнони қадим мегуфтанд: «Мо шаҳрҳо меофарем ва баъд шаҳрҳо моро меофаранд».

Меъморон масъулияти касбии худро нисбат ба пешбурди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк менамоянд ва ҳамарӯза барои амалӣ гардонидани вазифаҳои мазкур кӯшиш карда истодаанд.

Барои баланд бардоштани сатҳи меъморӣ дар ҷумҳурӣ, якум: иншооти сохташаванда дар шаҳру ноҳияҳо, лоиҳаҳои иншооти назаррас, ки симои нотакрори ҳар як шаҳру деҳаро муайян менамоянд, бояд фақат дар асоси озмунҳои кушоди меъморӣ интихоб карда шуда, сохта шаванд ва дуюм, мо бояд барои баланд бардоштани малакаи меъморӣ дар ҷумҳурӣ кӯшиш намоем.

Мо дар бораи малакаи меъморон бисёр сухан меронем. Ибораи малакаи меъморӣ, он чунон маъмулӣ гардидааст, ки мо аслан дар бораи он фикр намекунем, ки дар марҳилаи кунунии рушди меъморӣ бо кадом мафҳумҳо алоқаманд аст. Нишондиҳандаи асосии малака ҳамеша аз қобилияти меъмор ва муносибати ӯ ба вазифаи худ иборат аст. Аз он, ки ӯ ба тарҳи меофаридааш чӣ гуна муносибат мекунад ва аз мустаҳкамиву бароҳатии он аз сарфакоронаву зебоӣ, хотирмон будану тасвири бадеии он вобастагӣ дорад. Дар лоиҳае, ки устод офаридааст, қонунҳои таносуб, ритм, мутақобилаи ҳамоҳангии ҳамаи қисмҳои бино дақиқ ва нозук татбиқ карда мешаванд. Бояд таъкид кард, ки инҳо нишонаи маҳоратанд. Онҳо ба лоиҳа беҳуқсонӣ, зебоӣ мебахшанд, фазои шоиронаеро, ки ба асарҳои ҳақиқии санъат хос аст, эҷод мекунанд.

Касби меъморӣ, касби бисёр сангин ва пурмасъул мебошад. Дар ин касб набояд мутахассиси дараҷаи дуюм ё сеюм буд, танҳо дараҷаи олӣ. Ҳоло дар соҳаи меъморӣ ивазшавии наслҳо ба назар мерасад. Ба ҷои меъморони варзида меъморони ҷавон ба фаъолият шурӯъ карда истодаанд ва онҳо бояд дарк намоянд, ки барои расидан ба сатҳи устодоне, ки аз кор рафтанд, бояд заҳмати зиёд кашанд. Чунки истеъдод ва малакаи меъмориро касе ба онҳо ҳадя намекунад ва он худ аз худ пайдо ҳам намешавад. Барои ба орзуи худ расидан саъю талош варзидан лозим меояд. Бояд ҳар як меъмори ҷавон дар болои ҳар як лоиҳа, новобаста аз ҳаҷми он ранҷ барад, то ин ки маҳсули эҷоди ӯ натанҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи байналхалқӣ аз тарафи ҳамкасбон эътироф гардад. Албатта ҳамаи ин корҳо бе илҳом намешавад, лекин бояд ба меъморони ҷавон ёдоварӣ намоям, ки илҳом ба назди меъмор фақат дар вақти кори эҷодиаш меояд.

Моҳи сентябри соли 2018 дар пойтахти ватани маҳбубамон шаҳри Душанбе вохӯрии сарони давлатҳо, аъзоёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) баргузор гардида буд. Дар қатори 17 қарори дар ҷаласа қабулгардида, оид ба 2 лоиҳаи гуманитарӣ, яке дар соли 2021 амалисозии Барномаи байнидавлатии "Пойтахти фарҳангии Иттиҳод" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаре эълон гардидани соли 2021 "Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ" қарорҳои ҷаласа ба имзо расиданд. Дар натиҷа соли 2021 "Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ" ва шаҳри Душанбе Пойтахти фарҳангии Иттиҳод дар соли 2021 эълон карда шуд.

Қабул гардидани ин қарорҳои ниҳоят мубраму саривақтӣ дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо - меъморони Тоҷикистонро бетараф нагузошт. Бо Қарори Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи тадорукот оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ таъсис дода шуд. Ба ҳайати Кумитаи тадорукот мутахассисони варзидаи соҳаи меъмории ҷумҳурӣ шомил гаштанд. Дар асоси пешниҳодҳои аъзоёни тадорукот, Накшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва рамзи Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ тартиб дода шуда тасдиқ гардид. Дар Нақшаи чорабиниҳо гузаронидани намоиш-озмунҳои беҳтарин асарҳои меъмории меъморони ҷумҳурӣ ва меъморони ИДМ, конференсияҳо ва семинарҳои байналхалқии меъморӣ, нашри китоб, маҷалла ва рӯзнома бахшида ба Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва иштироки меъморони ҷумҳурӣ дар чорабиниҳои байналхалқӣ дар назар дошта шудааст.

Меъморони ҷумҳурӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бахри дар сатҳи зарурӣ гузаронидани чорабиниҳои пешниҳодшуда, саҳми назаррасу арзандаи худро гузоранд.

Ҳоло ҳар як ноҳия ва шаҳр имкон дорад, ки муҳити меъмории худро беҳтар гардонад, то ки ҳар як кӯча, маҳалла, ҳар як бино моҳияти баланди эстетикӣ пайдо намуда, дар шахс натанҳо ҳисси зебопарастӣ, балки ҳисси ғурур ва ифтихорро нисбат ба деҳа ва шаҳри худ тарбия намояд.

Эълон гаштани соли 2021 ҳамчун Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба мо меъморон имконият медиҳад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ қобилияти эҷодии худро намоиш дода, нақши бузурги иҷтимоии меъморро дар ҷамъияти муосир нишон диҳем. Ба таври арзанда иҷро намудани ин вазифаҳои дар назди мо истода - қарзи мост.

**ЮСУПОВ Б.Н.,**
**Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, профессор, академики Академияи байналхалқии меъморӣ, академики Академияи байналхалқии меъмории мамлакатҳои шарқ, Корманди шоистаи Тоҷикистон**

# МЕЪМОРӢ САНЪАТИ ОЛӢ ВА ИЛМИ ДАҚИҚ АСТ



Пўшида нест, ки агар ба таърихи ин ё он халқ ва ё сарнавишти он баҳо доданӣ шаванд, дар қатори ба расму оин ва анъанот, таъриху адабиёт, осори илму фарҳанг баҳо додан, инчунин аз рўи он баҳо медиҳанд, ки халқи мазкур ба таърихи инсоният бо кадом биноҳо, иншоот, қасру кушкҳои ба ёдгормондааш ворид шудааст.

Биносозӣ ба қатори намудҳои фаъолияти нисбатан қадимаи инсоният тааллуқ дорад, ва аз ин мебарояд, ки чандин ҳазор сол муқаддам таҳкурсии рушди минбаъдаи меъморӣ гузошта шудааст. Ба ҳар шаҳре, ки наоем, мо қасру кушкҳо, биноҳои муҳташами бо услубҳои мухталифи меъморӣ бунёдшударо мебинем. Маҳз аз рўйи услуби шоҳкории бино мо замони бунёд шудани он, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, расму анъанаҳо, фарҳангу таърих, мероси миллӣ ва зеҳнии мардум, ҳатто миҷоз ва хулқу атвори одамони кишварҳоро муқаррар менамоем.

Санъати меъморӣ муҳити атрофии ҳаёт ва фаъолияти одамонро ташаккул медиҳад. Биноҳои алоҳида ва маҷмааи онҳо, майдонҳо ва хиёбонҳо, боғу варзишгоҳҳо, шаҳракҳо ва шаҳрҳои мукаммал – зебогии онҳо дар замири бинанда эҳсос ва кайфияти хосро тавлид мекунанд. Маҳз ҳамин хосиятҳо меъмориро ба санъати тибқи қонунҳои зебоӣ бунёд кардани иморатҳо ва иншоот табдил додаанд. Мисли ҳар гуна унсури дигари санъат – меъморӣ ҳам бо ҳаёт, таърих, андешаҳо ва зеҳнияти ҷомеа робитаи қавӣ дорад. Биноҳо ва маҷмааи қасру кушкҳои аз лиҳози меъморӣ беҳтарин ҳамчун рамзи кишварҳо ва шаҳрҳо дар хотир нақш мебанданд. Тоҷмаҳали Ҳиндустон, Тахти Ҷамшеди Шероз, Акрополи Афина, Садди бузурги Чин, калисои ҷомеи Пётри Муқаддаси Рим, манораи Эйфели Париж ва садҳо қасру иншооти дигар дар олам бо сабаби беназир будан машҳуру маъруф гаштаанд.

Санъати меъморӣ санъати воқеан ҷамъиятист. Ҳатто дар замони мо ҳам меъморӣ ба таърих робитаи қавӣ дошта, ба фарҳанги замон ворид гаштааст. Дар ҷомеаи ниёзҳои оммавӣ, фармоишҳои алоҳида, самти тиҷоратӣ доштани фаъолияти сохтмон, меъмор дар фаъолияти худ аксар вақт маҳдуд мегардад, вале он ҳамеша ҳаққи интихоб намудани услуби хоси худро дорад ва ҳамин ҳақ дар ҳамаи давру замонҳо иборат аз ҷустуҷўйи роҳи худ дар меъморӣ ҳамчун санъати олӣ ва илми дақиқ будааст. Тасодуфӣ нест, ки дар бораи тамаддунҳои бузург натанҳо бо сабаби ҷангҳо ё тиҷорат, балки қабл аз ҳама, аз рўйи ёдгориҳои меъмории меросгузоштаи тамаддуни мазкур ёд мекунанд.

Бо ҳамин сабаб ҳамон ҷузъи муҳимро қайд намудан зарур аст, ки меъморӣ инчунин фишорсанҷи сатҳи рушди тамаддун, таърих, фарҳанги он, сатҳи зеҳнияти халқҳои гуногун аст, зеро ҳар кишвар – Россия, Фаронса, Олмон, Италия, Испания, Юнон, Дания, Лаҳистон, Украина, Ҳиндустон, Ҷопон, Чин, Миср, Ирон ва ғайраҳо симои хос, рангу ороиши миллӣ, анъана ва расму оини худро доранд. Ҳамаи ин дар меъмории ҳар кишвар ҳамчун таърихи он ба таври хотирмон, равшану возеҳ ва нотакрор инъикос меёбанд. Худи санъати меъморӣ як навъ «шиноснома»-и шаҳр, давлат ва дар маҷмўъ замон мебошад.



Дар шароити соҳибистиқлолии давлатӣ ба рўйи мардуми тоҷик ҳам барои офаридани шоҳасарҳои санъати меъморӣ, яъне қасру кушкҳои муҳташам ва хотирмон дарҳои имкониятҳои васеъ кушода шудааст.

Дар кишвари мо ҳоло садҳо ёдгориҳои пурарзиши таърихии меъморӣ мавҷуд аст, ки онҳо дар даврузамонҳои мухталиф, бо услуби хоси замони худ бунёдшуда, то имрўз ба мерос мондаанд.

Бо боварии том гуфта метавонем, агар имрўз ба кадом гўшаи Тоҷикистон, ки сафар накунем, нишонае аз ёдгориҳои таърихии барҷомондаро вомехўрем. Хоҳ дар Хуҷанду Кўлоб, хоҳ дар Истаравшану Қубодиён, хоҳ дар Исфараву Роштқалъа, хоҳ дар Рашту Панҷакент, хоҳ дар Ҳисору Мастчоҳ ва дар ҳар нуқтаи дилхоҳи кишварамон осори дар шакли қасру кушкҳо, қалъаҳо ва иншооти мухталиф бунёдшударо дучор меоем, ки аз дидани онҳо кас ба гузаштаи пурғановати миллати худ менозад ва ифтихор аз ниёгони бонангу ори худ мекунад.

Як қисми ёдгориҳои мазкур дар қаламрави Тоҷикистони имрўза қарор дошта, бо ибтикори Ҳукумати мамлакат аллакай барқарор, тармим ё таъмир карда шуда, ба мардум хизмат мекунанд, қисми боқимондаи ёдгориҳои меъморӣ бошанд дар марҳилаи тармим кардан кардан қарор доранд.

Дар баробари тармими ёдгориҳои меъмории миллат, дар шаҳри Душанбе бунёд кардани биноҳои Душанбе-плаза, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Маҷмааи фароғатии «Сомониён» ва даҳҳо иншооти бузурги дигар бунёд гардиданд, ки ҷавобгўйи талаботи сохтмон ва меъморию шаҳрсозӣ мебошанд.

Бо қарори Шурои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 28 сентябри соли 2018, соли 2021 "Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил" эълон гардида, ҳукуматҳои аъзоёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронидани чорабиниҳои тадорукотӣ ва ҷашниро дар доираи он ба нақша гирифтаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2021, №88 ва фармоиши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани як қатор чорабиниҳои илмию амалӣ дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, дар доираи Нақшаи чорабиниҳои илмию амалӣ, фарҳангӣ ва оммавӣ бахшида ба «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» баргузории Конференсияи байналмилалии "Масъалаҳои мубрами меъморӣ ва шаҳрсозӣ", намоиш-озмуни XXIX байналхалқӣ: "Беҳтарин лоиҳаҳои меъморӣ ва шаҳрсозии давлатҳо-аъзоёни иттиҳоди давлатҳои мустақил", намоиш-озмуни IX ҷумҳуриявӣ: "Беҳтарин асарҳои меъморӣ" ва форуми меъморони Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин аллакай ҷиҳати муаррифӣ ва тавсифи ҷашни мазкур дар "Осорхонаи миллии Тоҷикистон" намоиши "Дастовардҳои меъмории Тоҷикистон дар давоми 30 соли Истиқлолияти давлатӣ" ташкил карда шуд, ки дар он дар баробари гўшаи лоиҳаҳои биноҳои сохташуда, макети маҷмааи Истиқлол ва дигар макети биноҳои навсохти шаҳри Душанбе ба намоиш гузошта шудаанд.

Аз ин лиҳоз, бояд ҳар як меъмор дар баргузории чорабиниҳои банақшагирифташуда, муаррифии дастовардҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар даврони истиқлол ширкат намуда, баҳри дар сатҳи зарурӣ гузаронидани он, саҳми назаррасу арзандаи худро ҳамчун муттахассиси касбӣ гузорад.

**У. УМАРЗОДА, муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# Игорь ВОСКРЕСЕНСКИЙ: «В АРХИТЕКТУРЕ ВСЕГДА ДОЛЖНЫ СОХРАНЯТЬСЯ



***Окончив в 1969 году Московский архитектурный институт, Игорь Николаевич ВОСКРЕСЕНСКИЙ работал архитектором, старшим архитектором, начальником районного отдела архитекторов, начальником управления внешнего благоустройства и озеленения города Москвы.***

***С 1986-го по 1992 год был секретарем Союза архитекторов СССР, Президентом Всесоюзного объединения ландшафтных архитекторов СССР. Позже занимал должность ответственного секретаря Международной ассоциации союзов архитекторов - правопреемника Союза архитекторов СССР.***

***В 2000 году назначен заместителем Председателя комитета по архитектуре и градостроительству, главным художником Москвы. Руководил проектной работой в области ландшафтной архитектуры и дизайна городской среды.***

***С 2013-го по 2016 год - член Общественной палаты города Москвы, председатель комиссии по градостроительной политике, транспорту и связи. С 2015 года возглавляет комиссию по монументальному искусству Московской городской думы.***

***Академик Российской академии художеств, действительный член ряда международных архитектурных академий, Почетный член Союза архитекторов Беларуси, Казахстана, Сербии, член Ассоциации ландшафтных архитекторов Америки.***

***Вице-президент Союза архитекторов России, член Союза архитекторов, Союза дизайнеров, Союза художников Российской Федерации. Автор около 100 творческих работ, ряда научных публикаций.***

***Лауреат премии Совета министров СССР, премии правительства Москвы. Почетный архитектор Российской Федерации, заслуженный архитектор Российской Федерации. Имеет почетную грамоту Президента Российской Федерации.***

***Наиболее известные работы - памятники Владимиру Великому, императору Александру I, императору Александру II, М. Шолохову, М. Ростроповичу, генералу М. Скобелеву, М. Сервантесу, патриарху Гермогену, П. Столыпину, В. Шухову, знак «Нулевой километр», памятник советским воинам-москвичам, погибшим в Афганистане, и др. Памятники Героям Первой мировой войны в Калининграде, скульптору М. Микешину в Смоленске, а также памятники во Франции, Германии, Италии, Испании, Эквадоре, Азербайджане.***

***Всего более ста реализованных произведений.***

***Работа на перспективу, создание различных платформ для дальнейшего совместного развития и поиск новых форм взаимодействия - вот надежные составляющие успеха многостороннего сотрудничества государств - участников СНГ. Совершенствование и углубление связей в экономической, научной, образовательной, культурной и других областях являются неотъемлемыми направлениями этой деятельности. При этом одной из отраслей, органично сочетающей в себе современные достижения научно-технического прогресса и богатое культурное наследие народов, является строительство.***

***Вниманию наших читателей мы представляем беседу с ответственным секретарем Международной ассоциации союзов архитекторов (МАСА), заслуженным архитектором Российской Федерации, действительным членом Российской академии художеств Игорем Николаевичем ВОСКРЕСЕНСКИМ.***

***- Решением Совета глав государств - участников Содружества независимых государств 2021 год объявлен годом архитектуры и градостроительства в странах СНГ. Как отреагировали на это ваши коллеги в странах Содружества и Международная ассоциация союзов архитекторов?***

- Такое решение Совета глав государств Содружества Независимых Государств является для нас большим событием. Подобного не случалось даже в советский период развития архитектуры. На пространстве СНГ все страны очень серьезно отнеслись к этому заявлению. Проведение целой серии значимых мероприятий в рамках Года архитектуры и градостроительства позволит странам Содружества выработать согласованную политику их дальнейшего плодотворного сотрудничества.

Почти в каждом из государств были запланированы и проведены и проводятся конференции, архитектурные конкурсы, фестивали, форумы с участием представителей национальных министерств культуры, строительства, с приглашением архитекторов стран СНГ. Уверен, что это пойдет на пользу народам СНГ, послужит не только позитивному общению, но также принесет множество впечатлений и практического опыта самим архитекторам. Кроме этого проведение совместных мероприятий, безусловно, позволит странам Содружества объединить свои усилия в популяризации отрасли. На различных архитектурных форумах и совместных мероприятиях сегодня, в частности, рассматриваются вопросы влияния информационных технологий на развитие отрасли, возможности заимствования архитектурных и градостроительных идей из далекого прошлого, проблемы сохранения исторических зданий в городе. Обсуждается и роль архитекторов в современной строительной индустрии.



**«Байтерек» - монумент в столице Казахстана Нур-Султане**

Почти три десятка лет назад был создан Союз общественных объединений - Международная ассоциация союзов архитекторов (МАСА), которая является правопреемником Союза архитекторов СССР. В своей деятельности мы тесно взаимодействуем с нашими коллегами из стран Содружества. Организация объединяет 13 национальных союзов архитекторов: Азербайджана, Армении, Беларуси, Грузии, Казахстана, Киргизии, Молдовы, России, Сербии, Таджикистана, Туркменистана, Узбекистана, Украины.

В настоящий момент Ассоциация подготовила альбом «Лучшие архитектурные решения в государствах - участниках СНГ за последние 30 лет - лауреаты смотров-конкурсов». Его издание позволит проанализировать, что было сделано за это время и что еще предстоит осуществить. В работе над ним активно участвовали союзы архитекторов стран Содружества. Раритетное издание посвящено объявленному Году архитектуры и градостроительства, а также 30-летия существования СНГ.

***- О чем можно будет узнать из юбилейного альбома?***

- Главным творческим мероприятием, ежегодно проводимым Международной ассоциацией союзов архитекторов с момента создания Содружества, является смотр-конкурс на лучшую проектную и реализованную работу (постройку). Участниками таких форумов становятся авторские коллективы из стран, союзы которых входят в МАСА, в лице государственных проектных организаций, творческих проектных мастерских, отдельных архитекторов, выразивших желание участвовать в конкурсе, а также представители творческих коллективов любой другой страны, не являющихся членами нашей ассоциации. Победители смотра-конкурса награждаются дипломами, а лучшему проекту и реализованному проекту (постройке) присуждается Гран-при «Золотая медаль» с вручением «Золотого диплома».

За три десятилетия было рассмотрено более четырех тысяч творческих работ. Считаю, что нам есть о чем рассказать в этом альбоме, выход которого запланирован ко Всемирному дню архитектуры, который отмечается в октябре. Участники Международного смотр-конкурса на лучший проект, постройку и печатные издания года который в запланирован и пройдёт

# НАЦИОНАЛЬНЫЕ ТРАДИЦИИ И КУЛЬТУРА»

МЕЖДУНАРОДНАЯ АССОЦИАЦИЯ СОЮЗОВ АРХИТЕКТОРОВ

в городе Душанбе, увидят первыми этот юбилейный альбом.

Союз архитекторов каждой из стран, входящих в Ассоциацию, выбрали по четыре наиболее значимых объектов, лучше всего иллюстрирующие достижения архитектуры в своем государстве за последние три десятилетия. Кроме этого от каждой из стран Содружества мы включили статью, посвященную истории развития национальной архитектуры за этот период.

***- Какая из проектных работ на конкурсах ценится больше всего?***

- Больше, конечно, ценится постройка. Ведь это реальная идея, которая воплощена в жизнь, а проект - это мечта, хотя по своему содержанию она тоже может быть очень интересной. К тому же многие из отмеченных проектов-лауреатов уже осуществлены.

Приведу несколько примеров. Таковым является узнаваемый монумент в столице Казахстана Нур-Султане архитектора Акмурзы Рустембекова - «Байтерек». Сооружение, напоминающее тополь, построено в 2003 году из стекла и бетона. Металлический «ствол» высотой 97 метров, установленный на пятистах сваях, удерживает огромный шар массой 300 тонн из стекол-хамелеонов, меняющих цвет на солнце. В 2002 году проект «Байтерек» был удостоен Гран-при по итогам конкурса, проведенного Международной ассоциацией союзов архитекторов (МАСА) стран СНГ. Или, например, проекты Николая Шумакова - президента Союза архитекторов России, главного архитектора АО «Метрогипротранс» - также воплощены в жизнь. Причем мы имеем возможность любоваться и пользоваться его «работами» каждый день, поскольку он является крупным специалистом в проектировании подземных транспортных систем и автором более 20 станций метро, аэропорта «Внуково» и Западного речного порта. В Душанбе на стадии завершения строительных работ находится Комплекс административных зданий Службы связи республики архитектора Бахрома Юсупова - председателя Союза архитекторов Таджикистана, проект которого в 2013 году был удостоен Гран-при и Золотой медали Международного смотр-конкурса МАСА, а в 2017 году получил Премию Великобритании в области архитектуры и дизайна.

***- Как можно оценить три десятилетия развития архитектуры в СНГ? Какие изменения в этой сфере вызывают интерес?***

- 30 лет развития архитектуры и градостроительства на постсоветском пространстве можно оценивать по-разному: что-то удавалось осуществить, что-то не сразу воплощалось в жизнь, но в целом этот период считается большим прорывом. Его даже трудно сравнивать с советским. В последние годы появилось много разнообразных парков, административных зданий, запоминающихся своим архитектурным исполнением. Изменилось очень многое, особенно в Азербайджане, полностью преобразились Туркменистан и центральная часть столицы Таджикистана. Определенный интерес вызывает тенденция пространственного развития городов Беларуси. Успела измениться и новая столица Казахстана Нур-Султан. Кстати, перенос столицы на новое место стал наиболее интересным и удачным экспериментом последних лет. Такой опыт был в свое время в Бразилии. Новая столица на новом месте - в данном эксперименте есть практический смысл и огромные преимущества. К примеру, на открытом пространстве можно более продуманно разместить административные здания, а разрабатывая планировку города целиком, и его архитектуру проще подчинить тем функциям, которые должна выполнять столица. Решение построить столицу «с нуля» и его реальное осуществление значительно повлияли на социально-экономическую жизнь республики, переориентировав внутренние миграционные потоки и ускорив развитие инфраструктуры внутренних регионов страны. Поэтому данный эксперимент очень интересен и важен для будущих поколений.



**Комплекс административных зданий Службы связи Республики Таджикистан (г. Душанбе)**

Совмещать же административные функции крупного города с задачами сохранения исторических памятников, их содержанием намного сложнее. Плюс к этому жители столиц всегда страдают от того, что их город выполняет слишком много задач. Это в том числе проведение большого количества массовых мероприятий местного и государственного масштаба. В этой связи можно отметить, что все градостроительные проблемы в странах СНГ имеют общее прошлое и похожи настоящим.

***- Какие архитектурные тенденции сегодня прослеживаются в странах содружества?***

- Сейчас во всех странах СНГ ведутся активные работы по благоустройству городов. Цель - создание комфортной среды проживания для всех групп горожан. Если раньше люди после работы старались быстрее оказаться дома, то сегодня для них обустраивают так называемые общественные пространства для отдыха и общения. Это стало отдельным направлением деятельности архитекторов, и прослеживается оно во всех городах постсоветского пространства.

Где-то этому уделяется больше внимания, где-то - меньше, но каждый город чем-то примечателен в градостроительном плане. Но ведь в каждом из них разные природно-климатические условия, которые диктуют свои определенные правила. К примеру, иногда пытаются сравнивать Санкт-Петербург и Баку. Несмотря на то что оба города расположены на морском побережье, они разительно отличаются по климату. И потому здания в Баку выделяются эркерами, террасами и открытыми пространствами, в Санкт-Петербурге же фасады зданий закрытые. А значит, вся жизнь происходит больше внутри них. Поэтому сравнивать или выделять какие-то города было бы неправильно.

Хорошим примером благоустройства городской среды можно назвать продуманно и интересно спроектированную набережную столицы Азербайджанской Республики. Выделяется и Республика Беларусь - в Минске всегда очень бережно относились к историческим постройкам. Но там не забывают возводить и новые кварталы с современной архитектурой. Большой опыт использования городских пространств для отдыха имеется в Санкт-Петербурге, Душанбе и Казани. Кстати Татарстан за проектирование и использование городских пространств в 2019 году получил очень престижную Международную Премию Ага Хана в области архитектуры.

***- Как по Вашему необходимо создавать комфортные условия проживания для жителей столичных городов?***

- Для этого необходимо разрабатывать комплексную концепцию развития города. Она требует сотрудничества градостроителей, ландшафтников, дизайнеров. Но при этом все они должны помнить о сохранении местного колорита, учитывать географические и национальные особенности территорий.

С одной стороны, столичные функции города привлекают постоянные инвестиции, но с другой - возникает множество сложностей

**>>Продолжение на стр. 9>>**

***Союз общественных объединений «Международная ассоциация союзов архитекторов» (СОО МАСА) учрежден в 1992 году и является Международным союзом общественных объединений - юридических лиц, творческим союзом. В своей деятельности ассоциация содействует консолидации усилий и координации деятельности творческих общественных объединений, работающих в области архитектуры и являющихся членами ассоциации Союз занимается защитой творческих, социальных, экономических прав и профессиональных интересов архитекторов, других специалистов, участвующих в развитии архитектуры, и их объединений. Кроме этого оказывает содействие эстетическому воспитанию населения, пропаганде и внедрению в жизнь лучших образцов отечественной и мировой архитектуры.***

***В ее компетенции - всемерное развитие творческого сотрудничества, содействие достижению взаимопонимания и согласования между архитекторами, другими творческими деятелями и их объединениями.***

***Членами ассоциации могут быть союзы архитекторов государстве, творческие общественные объединения архитекторов и специалистов, работающих в смежных областях.***

# КУЗНИЦА ТВОРЦОВ АРХИТЕКТУРЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ



**Рустам МУКИМОВ,**
**доктор архитектуры, профессор, член Правления Союза архитекторов Таджикистана**

**В год празднования 30-летия Государственной Независимости Республики Таджикистан, Года архитектуры и градостроительства и 85-летия образования Союза архитекторов Таджикистана, проводимый в октябре 2021 года в Душанбе, к месту будет поделиться успехами архитектурного образования с раскрытием проблем подготовки молодых творцов архитектуры в таджикском государстве.**

Каждый студент первого курса архитектурной специальности знает на «зубок» первое и наиболее понятное определение сущности архитектуры, данное Марком Поллионом Витрувием, древнеримским архитектором первого века до нашей эры в своей энциклопедии архитектуры «Десять книг об архитектуре»: Зодчество должно делать, принимая во внимание прочность, пользу и красоту. Под прочностью Витрувий понимал строительное дело, под пользой - социальную сущность архитектуры, а под красотой - «приятный и нарядный вид сооружения и тем, что соотношения его членов соответствуют должным правилам соразмерности». Именно поэтому более всего архитектуру относят к искусству строительства, а затем уже к социальной значимости сооружения и его красоте.

Таким образом, работа по открытию архитектурной специальности при Таджикском политехническом институте (впоследствии Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими) как одной из отраслей строительства была начата ровно 60 лет назад - в 1961 году, и уже в 1962 году был организован первый набор на новую специальность «Архитектура». Вся эта инициатива была осуществлена благодаря инициативе тогдашнего председателя Союза архитекторов Таджикистана Всеволода Глебовича Веселовского, поддержанной Государственным комитетом по строительству и архитектуре Таджикской ССР. С этого периода в таджикской республике на строительном факультете стали подготавливать местные архитектурные кадры для народного хозяйства Таджикистана. Первая защита 8 молодых архитекторов с присуждением им квалификации архитектора была проведена в Душанбе в 1968 году. Председателем первой государственной экзаменационной комиссии был В.Г. Веселовский. А это значит, что архитектурному образованию Таджикистана 60 лет!

За эти годы в системе архитектурного образования республики были годы взлета престижа архитектурной профессии, а также годы снижения качества подготовки специалистов, связанные с периодами упадка архитектурно-строительного комплекса в 90-х годах прошлого столетия. Наиболее высоким периодом в подготовке архитекторов, несомненно, считается конец 80-х годов, когда в Душанбе в 1989 году был впервые проведен всесоюзный конкурс лучших дипломных проектов архитектурной специальности, где все 10 представленных на конкурс лучших архитектурных дипломных проектов ТПИ (из 30 выпускников 1989 года) были удостоены высших наград конкурса: Союза архитекторов бывшего СССР, Союза архитекторов Таджикистана, Министерства образования и Госстроя бывшей Таджикской ССР. В это время в институте работала своя система довузовского (Малая Академия Архитектуры) и вузовского и послевузовского архитектурного образования в системе проектных организаций Душанбе в виде студенческих мастерских (например, в ГПИ «Таджикгипрострое» и ПИ «Душанбегипрогоре»). Помимо этого, в ТПИ успешно функционировало Студенческо-конструкторское проектное бюро (СКПБ), выполняющее реальные заказы республиканских организаций и Министерства образования Таджикистана. Именно здесь студенты-архитекторы получали навыки проектно-конструкторской деятельности, повышая свое мастерство за чертежными досками Бюро. Именно тогдашней кафедре «Архитектурное проектирование» принадлежит инициатива студенческого движения в СКПБ «Сами проектируем - сами строим», поддержанное многими архитектурными вузами СССР.



**Коллектив кафедры "Архитектура и Дизайн" в 2017 году (Э. ДОДАРЖАНОВ, М.К. ДАДАБАЕВ, С.С. ТИЛЛОЕВ, и.о. доцента М.У. ШЕРМАТОВ, С.Н. ТАГОЕВ, М. ИСМАИЛОВ, М.А. БОБОЕВ, А.А. РАЗЗОКОВ, К.И. НАИМОВ, З.Б. АСКАРОВ, Ш.К. ИСРОИЛОВ, С.С. РАХМОНОВ, С.Р. ХАИТОВА, С.Р. МУКИМОВА, д. Ф.З. МИРЗОЕВА, д.а. профессор Р.С. МУКИМОВ, Ф.Ё. ЭМОМОВА, и.о. профессора А.А. АКБАРОВ, Х.А. НИЁЗОВА, д.а. профессор С. МАМАДЖАНОВА, Н.Ю. БРАГИНА)**

Не лишне будет привести некоторые цифровые данные о достижениях архитектурного образования Таджикистана. Так, например, из стен архитектурной специальности ТПИ-ТТУ им. академика М.С. Осими за 60 лет вышли будущие лауреаты различных государственных и ведомственных наград СССР и Независимой Республики Таджикистан. Так, из числа воспитанников ТПИ-ТТУ можно привести лауреата Государственной премии СССР (Рустам Каримов), Премии Совета министров СССР (Юрий Пархов), Государственной премии Таджикистана имени А. Рудаки в области архитектуры (Валерий Пашков, Олег Куршеитов, Музафар Негматов, Баховаддин Зухуридинов, Рустам Мукимов), Премии Международной Ассоциации союзов архитекторов (СНГ) - (Бахром Юсупов, Рустам Шарипов, Хуршед Аюбджонов, Курбонали Наимов), Премии Великобритании в области архитектуры и дизайна - (Бахром Юсупов), премии Ленинского комсомола Таджикистана (Бахром Юсупов), премии имени Камола Хучанди в области архитектуры (Бахром Юсупов, Музаффар Юнусов, Ахад Вохид), обладатели почетного звания «Корманди шоистаи Точикистон» (Заслуженный работник Таджикистана) - (Бахром Юсупов, Музаффар Юнусов), «Меъмори фахрии Чумхурии Точикистон» (Почётный архитектор Республики Таджикистан) - (Курчибек Юсуфов, Дилмурод Каримов, Олимчон Хайдаров, Хуршед Бурхонов, Мирзохисайн Султонов, Эркин Примкулов, Нозимшо Хасанов, Усмон Раджабов, Зафар Юсупов, Сирочиддин Зухуритдинов, Рустам Мукимов, Гайрат Аноров), ордена «Шараф» (Зафар Юсупов), медали «Хизмати шоиста» («За доблестный труд») (Нозимшо Хасанов, Рустам Мукимов, Акрам Акбаров, Кудратулло Махмадалиев, Олим Курбанов), лауреаты различных премий Союза архитекторов Азербайджана, Кыргызстана, Казахстана, России, Таджикистана, и многие другие.

В год 30-летнего юбилея произошло разделение ведущей кафедры «Архитектура и Дизайн» на две профильные кафедры «Архитектура и Градостроительство» и «Дизайн архитектурной среды и Реставрация». Это стало первым шагом к большой реорганизации факультета, наме-

CMYK

ченной инициативными предложениями Союза архитекторов Таджикистана по направлению повышения качества подготовки специалистов. Следующим шагом, должно стать создание отдельного Института архитектуры и строительства при ТТУ им. акад. М.С. Осими с разветвленной системой подготовки архитектурно-строительных кадров для Республики Таджикистан (довузовская, послевузовская подготовка специалистов, повышение квалификации архитекторов и др.). Это предложение вошло в Концепцию развития архитектуры и градостроительства Республики Таджикистан до 2030 года, и в подготавливаемый Союзом архитекторов Таджикистана совместно с Комитетом архитектуры и строительства при Правительстве Республики Таджикистан проект Постановления Правительства Республики Таджикистан «О дальнейшем развитии архитектуры и градостроительства в Республике Таджикистан»

Города и села Таджикистана, благодаря таджикским архитекторам и дизайнерам, в настоящее время получают новый импульс развития и совершенствования. Именно благодаря выпускникам ТТУ им. акад. М.С. Осими сейчас ежегодно появляются новые комплексы зданий, парки и сады, отдельные знаковые сооружения современности, авторами проектов которых являются известные архитекторы: Баховаддин и Сироджидин Зухуритдиновы, Эркин Примкулов, Бахром Юсупов, Зафар Юсупов, Шахноза Рахматуллоева, Хасан Суяров, Абдуворис Эшонов, Шамсидин Исматов, Гайрат Аноров, Сами Азизов, Довар Алиназаров, архитекторы Согдийской области: Рахим Одинаев, Джумабой Рахматов, Олим Хайдаров, Уктам Тухтабоев, Музаффар Юнусов, Курчибек Юсуфов, Ахад Вохид, Нурулло Ашуров, Мубин Фаттоев, Баховадин Баховаддинов, Зафар Рофиев, архитекторы Хатлонской области: Кудратулло Махмадалиев, Курбонали Зулфикоров, Хомид Мадалиев, архитекторы Горно-Бадахшанской Автономной области: Амиршо Гуламадов, Мухаммадзоир Саидзоиров, Шодавлат Пайшамбиев, Айдармамад Гулмамадов и многие другие, по проектам которых города и села республики пополняются новыми премьерами. Именно на них равняются сейчас студенты-архитекторы Душанбе и Худжанда, перенимая у них манеры мыслить и проектировать. Поэтому сейчас есть надежда, что молодые выпускники Технического университета и его филиала в Худжанде вскоре станут новыми творцами архитектуры и им сейчас принадлежит инициатива сделать города и села архитектурно и художественно выразительными, имеющими национальное своеобразие и колорит.

# «В АРХИТЕКТУРЕ ВСЕГДА ДОЛЖНЫ СОХРАНЯТЬСЯ НАЦИОНАЛЬНЫЕ ТРАДИЦИИ И КУЛЬТУРА»



**Аэропорт Внуково (Россия, Московская область)**

**<< Начало на стр. 7 <<**

и проблем для жителей, которые вынуждены соблюдать правила жизни мегаполиса. Разумно запланированная градостроительная политика, продумывание технологий проведения работ, их сезонность, современные приемы благоустройства - все это должно доставлять как можно меньше беспокойства горожанам.

В столице любого государства, как и в любых мегаполисах, как обычно не хватает удобных, открытых пространств для отдыха и общения. Раньше они просто не создавались.

Но сегодня строительство парков, площадей, скверов, велодорожек стало актуально. Правда, иногда из-за отсутствия опыта это не совсем хорошо получается.

В столицах должна присутствовать гармоничная красота городского пейзажа, уместная, достаточная, соответствующая духу и традициям страны. Такую красоту во многом дополняют зеленые насаждения, которые способны создавать не только комфорт, но и благоприятную экологическую атмосферу, определенный микроклимат, что немаловажно для мегаполиса, который нуждается в чистом воздухе. Надо приветствовать любые способы озеленения городов, в том числе с использованием крыш и фасадов зданий.

К организации этих работ надо тоже подходить продуманно. Нельзя произвольно высаживать деревья и растения, учитывая лишь то, насколько быстро они подрастут и начнут выделять фитонциды. Есть растения, которые соответствуют определенной культуре, нации. Но есть и привнесенные зеленые насаждения, которые своим духом противоречат национальным традициям данной местности. К примеру, библейские растения, связанные с христианской культурой, никоим образом не должны соседствовать с буддийскими лотосами. Наличие их в одной садово-парковой композиции недопустимо.

В целом, сегодня понятие «архитектура» не ограничивается только процессом проектирования и строительства здания в красивом месте. Это еще и знание природы, традиций народа, его культурных ценностей. При этом нельзя забывать о духе эпохи, места.

***- Игорь Николаевич, и последний вопрос: Как вы выбрали свою профессию? Ведь она похожа на службу, которая не признает выходных и праздников.***

- Мой выбор был, можно сказать, случайным. В школе я сидел за одной партой с сыном архитектора и видел, как он упорно готовится поступать в Московский архитектурный институт. Его стремление увлекло и меня. Получается, одноклассник и повлиял на мой выбор. И за полгода до поступления в институт я решил, что надо испытать судьбу. В последующем ни разу не пожалел, что принял такое решение.

Я прошел путь от исполнителя проектов до человека, который управляет творческими процессами. Будучи еще секретарем Союза архитекторов СССР, я смог создать первое Всесоюзное объединение ландшафтных архитекторов. После этого и появилось слово-характеристика «ландшафтный», а также отдельное направление в архитектуре. Само слово, конечно, тогда уже было, но в полноценное вербализированное понятие оно превратилось позже.

Спустя годы меня привлекают к проектам как человека, обладающего широкими взглядами и опытом. Есть сферы архитектуры, в которых я достаточно известен. Это, в частности, сооружение памятников. Участвую в конкурсах и даже иногда выигрываю их. Мои работы можно увидеть в девяти странах мира. Жаль, что установка памятников в Москве в последнее время приобрела характер политической борьбы.

Кстати, мои дети тоже выбрали профессию архитектора. Дочь - ландшафтный архитектор, кандидат архитектурных наук. Пешеходные улицы Никольская и Кузнецкий мост - это ее творчество. Сын проектирует мосты в коллективе архитекторов. У них очень много интересных работ. А ведь когда-то я сам мечтал стать инженером-мостостроителем. Да и внук уже тоже оказался в этой среде. Они видят мою работу, творчество, но при этом самостоятельно выбирают свой путь.

**Беседовала Т. ЛАРЬКОВА, Журнал «Пограничник содружества», апрель-июнь 2021 г.**

CMYK

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета

# ЛУЧШИЕ АРХИТЕКТУРНЫЕ РЕШЕНИЯ В ГОСУДАРСТВАХ-



**Николай ШУМАКОВ, Президент Союза архитекторов России**

Тридцать лет назад произошло событие, во многом определившее вектор развития архитектуры на постсоветском пространстве.

12 мая 1992 г. Была создана Международная ассоциация Союзов архитекторов, в которую вошли творческие профессиональные союзы большинства бывших советских республик, вновь ставших независимыми государствами. Ассоциация поставила своей целью сберечь единое творческое пространство как дискуссионную площадку, где можно обсуждать актуальные проблемы архитектуры, искать и реализовать новые формы сотрудничества. И это оказалось единственно правильным решением, сохранившим нашу общую «территорию архитектуры».

Мы все прекрасно понимаем, что повернуть вспять ход истории невозможно, что настали другие времена, что будущее - за новой генерацией архитекторов. Но у нас есть общий язык - язык архитектуры, удивительного вида искусства, способного веками и тысячелетиями являть человечеству лучшие свои образцы, воспитывать своим величием новые поколения зодчих, передавать знания, опыт умения и навыки. Мы все свободно говорим на этом языке - и почтенные старцы, и талантливые азартные молодые. Мы поняли, что в архитектуре, как и в жизни, главное не «разрушать до основания» а с любовью и уважением поддерживать самобытную зодческую культуру каждого этноса, находя в этом богатстве новые идеи для собственного творчества, интегрируя их со своими представлениями о будущем.

Прошедшие тридцать лет были весьма трудными для российской архитектуры. Не оправившись от известного постановления 1955 г., мы оказались заложниками странного периода «девяностых», когда в архитектуру ворвались вкусовщина и погоня за квадратными метрами. Мы так и не привыкли к диктату строителей и капризам девелоперов, но учились новому видению архитектуры, всячески отстаивая интересы профессии.

Начало XXI в. стало точкой отчета в истории отечественной архитектуры. Цифровые технологии, BIM проектирование, современные строительные материалы, совершенно иное отношение человека к своему жилищу - все это должно, по нашему представлению вывести архитектуру на уровень престижной и востребованной профессии. Во всяком случае, именно такого будущего мы хотим для российской архитектуры.., где на ряду с творчеством в абсолютном паритете должны существовать трезвый расчет и стратегическое планирование.

Безусловно, этому надо учится в университетах и академиях, но по-настоящему постичь зодческое ремесло можно только среди себе подобных, опираясь на совокупный опыт, дружескую поддержку и сотрудничество с коллегами из разных стран мира.

Гилберт Честертон назвал архитектуру «азбукой гигантов». Приходится признать, что в этой азбуке до буквы «Я» нам ещё далеко... Хотя, если следовать заветам другого, еще более именитого философа - Конфуция, то у нас все в порядке. Он говорил: «Неважно, как медленно вы идете, до тех пор, пока вы не остановитесь». Но останавливаться мы и не собираемся.



**Эльбай КАСИМ-ЗАДЕ, председатель правления Союза архитекторов Азербайджана**

Истоки Азербайджанской архитектурной школы берут начало с далеких времен, оставшихся за пределами новой эры. Многочисленные свидетельства тому древнейшие городища, раскрытые археологами на территории страны, характеризующиеся высокой градостроительной и строительной культурой. В качестве наиболее яркого представителя исторических городов достаточно вспомнить цитадель города Баку Ичери Шехер (Внутренний город), история которого насчитывает более двух тысяч лет.

Архитектурная профессия в Азербайджане всегда относилась к числу наиболее почетных.

Прошедший XX век оставил значительное число великолепных произведений зодчества Азербайджана, относящихся к периоду нефтяного бума 1920г. Здесь уместно назвать имена Зивербека Ахмедбекова, Касумбека Гаджибабекова, Иосифа Гославского, Николая фон дер Нонне, Иосифа Плошко и многих других.

Заслуживает особого внимания эпоха конструктивизма в Баку, представленная творчеством А. Щусева, братьев Весниных, С. Пэна и др, 1950-е гг, отражают волну национального романтизма, вошедшего в произведения таких выдающихся мастеров Азербайджана, как Садых Дадашев, Микаил Усейнов, Энвер Касим-заде, Гасан Меджидов и др.

Архитектура Азербайджана эпохи независимости развивалась на волне творческого подъема периода конца XX в., яркими мастерами которого стали Назим Гаджибеков, Талаат Ханларов, Юзеф Кадымов, Расим Алиев, Абрам Суркин, Санан Султанов, Фаик Юзбашев, Эльбай Касим-заде, Афис Амирханов, Алибек Новрузи и др.

Современная архитектура Азербайджана отражает наиболее прогрессивные профессиональные веяния, нашедшие свое воплощение в нынешнем облике Баку, Гянджи, Нахичевани, Сумгаита и других крупных промышленных и культурных центров.

Постоянное внимание руководства Азербайджанской Республики к архитектурному облику городов и их градостроительному развитию позволило воспитать плеяду видных мастеров, архитекторов нового поколения - это Назим Велиев, Камал Мусаханов, Нариман Имамалиев, Александр Гарбер, Евгений Кирьяшов, Ильгар Исбатов и пр.

Архитектурная палитра современного Баку украшена произведениями выдающихся звезд мировой архитектуры, таких как Заха Хадид и Норман Фостер.

В активном профессиональном творчестве зазвучали и имена архитекторов молодого поколения, среди которых: Фарид Гачаев, Заур Курбаналиев, Камал Ибрагимов, Максуд Мамедов, Кенуль Турабова и многие многие другие.

Ограниченный объем публикации позволяет отразить лишь малую долю достижений архитектурного искусства современного Азербайджана.



**Белек САРЫМСАКОВ, заместитель председателя Союза архитекторов Кыргызстана**

Коснёмся основных проблем в сфере градостроительства, выявившихся за три последние десятилетия.

Бишкек, ныне город-миллионник, имеет городской центр, заложенный проектом, разработанным под руководством Н.Н. Улласа более 40 лет назад. После 1991 г. потребовался пересмотр приоритетов градостроительной политики. В 1995 г. был разработан проект, предусматривающий новый городской центр в юго-западной части столицы, но в силу ряда объективных причин он реализован не был. В начале XXI в. предпринимается попытка переноса части функций общереспубликанского и городского центра на южную окраину города. В это же время сложившийся исторический центр подвергается точечной застройке. Мэрия Бишкека принимает постановление о выделении ядра городского центра и объявляет мораторий на строительство объектов, не отвечающих его новому статусу, но из-за отсутствия механизмов реализация это не приводит к практическим результатам. В 2004-2005 гг. Правительство КР и Союз архитекторов провели конкурс на реконструкцию центральной площади «Ала-Тоо». Ряд проектов, содержавших предложения по стратегическому преобразованию ядра городского центра, решением жюри были приняты к дальнейшей разработке, однако в силу разных обстоятельств продолжить эту работу не удалось. За последние 10 лет Союз архитекторов совместно с Госстроем республики, мэрией столицы и Бишкекглавархитектурой провели более 20 конкурсов на значимые градостроительные узлы города. Но пока многие проекты остаются на бумаге или в памяти компьютера...

В 2020 г. городские власти наконец утвердили проект детальной планировки центральных территорий Бишкека. Находится в активной работе утвержденный проект детальной планировки юго-восточного планировочного района столицы. Необходимо подключить все возможные профессиональные силы к разработке стратегической программы - концепции формирования и развития ядра городского центра с учетом требований функционирования и статуса города и региональных национально-культурных особенностей.

Несколько слов о градостроительной ситуации в республике в целом. Генпланы советского периода устарели: на новые градостроительные проекты средства выделялись в минимальном объеме, работа над стратегией пространственного развития территорий практически не велась. Необходимо разработать Стратегию комплексного планирования пространственного развития территорий республики и государственные программы по социально-экономическому развитию регионов во взаимосвязи с экологическими и инженерно-транспортными аспектами.

Объявление в стране Года развития регионов и цифровизации обусловило положительные сдвиги: возросло внимание правительства к решению означенных проблем, выделяются - средства на разработку генпланов областных и районных центров, средних и крупных городов, актуализацию нормативных документов в строительной отрасли.

Реалии сегодняшнего дня наглядно показывают: приоритетными задачами при проектировании городов должны стать формирование благоприятной среды, обеспечение социальных условий проживания и экологических норм. Необходим пересмотр устоявшихся подходов в пользу уменьшения плотности высотной застройки и автотрафика в крупных городах, повышения коэффициента озеленения, развития комплексной мало- и среднеэтажной застройки с автономным функционированием, малых городов и т.д.

CMYK

# УЧАСТНИКАХ СНГ ЗА 30 ЛЕТ СУВЕРЕНИТЕТА



**Мкртич МИНАСЯН, председатель Палаты архитекторов Армении**

В 1991 г. Армения обрела независимость. Для устойчивого экономического развития требовались новые законы государственного управления. В СССР заказчиком в сфере капитального строительства и градостроительства было государство, теперь эту роль преимущественно взяли на себя инвесторы и застройщики. Приватизация при отсутствии соответствующих законов привела к неуправляемой застройке, не учитывающей утвержденные прежде генпланы. Вопросы архитектуры фактически были отданы на произвол инвесторов. Было искажено или разрушено немало памятников досоветского и советского периода. В отсутствие концепции проектирования новых городов и сооружений первые 15 лет механически заимствовались зарубежные разработки и представления.

В 1988 г. в результате чудовищного землетрясения была разрушена треть Армении, и уже тогда перед правительством, архитекторами, конструкторами и строителями встали трудноразрешимые задачи. Лишь с 2000-2005 гг. началась разработка новых градостроительных законов, под строжайший контроль была взята система защиты от сейсмических рисков, были внедрены новые строительные технологии.

Пусть и не полностью, но государству удалось ограничить вседозволенность в области архитектуры. Были созданы новые архитектурные мастерские, переформирован ряд проектных институтов. Началась разработка свода градостроительных документов, установлен строгий контроль над их исполнением.

В городах и поселениях республики было построено большое количество жилых кварталов и общественных сооружений. Полностью ликвидированы последствия землетрясения 1988 г. в Спитаке, Гюмри и близлежащих поселениях. Окончено начатое до 1990 г. строительство мостов, построены новые дороги и транспортные узлы. Видными и опытными архитекторами были спроектированы и возведены объекты непреходящей ценности, в числе которых здание мэрии Еревана (Дж. Торосян, Р. Мартиросян), комплекс «Каскад» (Дж. Торосян, С. Гурзадян, А. Мхитарян), Северный проспект (коллектив под руководством Н. Саргсяна), Музей геноцида (С. Калашян, Л. Мкртчян) в столице республики.

В 1992г. (Союз архитекторов Армении сыграл большую роль в организатции Международной ассоциации Союзов архитекторов. Председатели СА Армении - А. Зурабян в 1995 г., М. Минасян в 2012 г. - избирались резидентами МАСА. СА Армении активно участвовал в Смотрах-конкурсах МАСА, представленные проекты высоко оценивались жюри и удостаивались наград.

В 1995 г. СА Армении при содействии правительства РА организовал Международный форум армянских архитекторов, на который прибыли многие живущие за рубежом специалисты.

С 1993 г. СА Армении является членом Международного союза архитекторов (UIA) с правом голоса, неоднократно участвовал в конгрессах UIA, а в 2010 г. совместно с UIA провел конкурс, на который было представлено 243 работы из разных стран мира.

С 2010 г. СА Армении разрабатывал проект закона «Об архитектурной деятельности», в январе 2018 г. он был утвержден Президентом РА. Закон призван закрепить права и обязанности архитекторов, поднять их авторитет и гарантировать им независимость. Надеемся, что, учитывая исторические традиции и опираясь на новейшие достижения, мы сумеем вновь обрести себя и создать новые, яркие, утверждающие национальное своеобразие, современные сооружения.

---



**Олег БЫКОВСКИЙ, председатель правления ОО «Белорусский союз архитекторов»**

В названии «архитектура периода суверенитета» есть что-то надуманное: архитектура или есть, или ее нет, и это не очень зависит от формы государственного управления. Впрочем, как известно, образ жизни, политические устремления, социальные и экономические предпочтения оказывают существенное влияние на архитектурную стилистику. Так что определенные основания для такого названия имеются.

В Беларуси архитектура есть. Свидетельство тому - награды конкурсов и фестивалей. Интенсивная застройка столицы, городских и сельских поселений. Нельзя сказать, что именно независимость определила характер архитектуры последних трех десятилетий. Но стремление повернуться к проблемам жителей страны, улучшить условия их жизни, конечно сыграло свою роль.

Безусловно, в первую очередь эти процессы связаны с территориальным развитием Минска, где в настоящее время сосредоточена практически пятая часть жителей страны. Крупные спортивные и общественные комплексы, социальные объекты, торговые центры, жилые образования с уникальной городской средой - все это в сочетании с развивающейся инженерной и транспортной инфраструктурой и создает образ современного европейского города.

Достойные объекты архитектуры появляются в областных центрах, других городах республики. Особенно хочу отметить Брест, архитектурная школа которого не только не уступает столичной, но и создает эффективную конкурентную среду, несомненно, способствую общему повышению творческого тонуса.

Беларусь активно развивает туристический потенциал, уделяет значительное внимание сохранению историко-культурного наследия. Отреставрированные замки в Мире и Несвиже служат достойным примером современных музеефицированных пространств. Объектами сельского отдыха и экотуризма наполняются бесценные природные территории. И здесь белорусские архитекторы демонстрируют творческий потенциал уважительное и деликатное отношение к родной природе.

Однако несмотря на достижения, положение архитекторов непростое. За все обозримое время я не помню столь низкой общественной оценки их труда, что не может не сказываться на финансовом и творческом благополучии. Но я верю в общественное сознание, которое вернет Архитектору место главного специалиста в процессе создания жизненного пространства. Намеренно не называю имен: публичности достойны многие, и я боюсь, кого-нибудь пропустить. И потом, имя автора неразрывно с его творчеством, а рассказ про объекты - тема другого формата.

Посмотрите на примеры нашей архитектуры, познакомьтесь с их авторами. Если вас это затронет - заходите на сайт Белорусского союза архитекторов. А лучше - приезжайте в гости, мы народ гостеприимный, все покажем и расскажем. Всем творческих и прочих успехов!

---



**Ата КУРБАНАЛИЕВ, председатель Союза архитекторов Туркменистана**

Последние 30 лет отмечены небывалым подъемом строительной активности в Туркменистане. Особое внимание уделяется Ашхабаду - не только как административному, экономическому, культурному центру, но и как городу, которых за короткий исторический период приобрел новый международный статус и стал важным фактором политической жизни всего прилегающего региона.

Благодаря настойчивому стремлению превратить Ашхабад в образцовый современный город с высокоразвитой инфраструктурой и не уступающим мировым стандартом застройкой были не только мобилизованы местные ресурсы, но и привлечены значительные иностранные инвестиции. Авторитетные зарубежные строительные компании и фирмы за несколько лет успели продемонстрировать исключительное качество исполнение объектов и высокую эффективность производства. В последние годы инициативу перехватили отечественные строительные организации, ставшие конкурентоспособными на этом рынке.

Экономические возможности Туркменистана позволили в кратчайший срок радикально изменить городской ландшафт Ашхабада, курортной зоны Аваза, пяти областных центров, выстроить там яркие градостроительные доминанты. Сегодня это уже совсем другие города, утратившие былую провинциальность и решительно укрепившие масштаб. Но самой характерной чертой новой архитектуры Туркменистана является, безусловно, тотальное применение белого цвета в отделке фасадов всех без исключения объектов. В 2013 году столица страны даже вошла в Книгу рекордов Гиннесса как город с самой высокой в мире концентрацией беломраморных зданий.

Несмотря на небывалый строительный бум последних десятилетий, новая архитектура Туркменистана очень редко бывает представлена на выставках и творческих состязаниях за рубежом. Огромный объем заказов при весьма скромном числе активно практикующих архитекторов, вероятно не оставляет им времени на собственные, профессиональные репрезентации. Тем не менее туркменские объекты, все-таки попавшие в поле зрения коллег из других стран, весьма показательны, так как служат характерными примерами основных тенденций в современной туркменской архитектуре: ценить, беречь и развивать культурные, художественные и архитектурные традиции туркменской земли, строя на их основе смелую, новаторскую, самобытную архитектуру и в то же время бережно сохраняя национальный колорит.

>>Продолжение на стр. 17>>

CMYK



# ЭҲЁИ САНЪАТИ МЕЪМОРИИ МИЛЛӢ

Яке аз нишонаҳои рушди давлату давлатдорӣ ин бунёдкорӣ, ободу зебо гаштани маҳалли зист, таҷдиди маҳаллаю шаҳраку шаҳрҳо ва инфрасохтори онҳо мебошад. Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди зиёди биноҳо ва иншооти нав сохта ба истифода дода шуданд ва ин иқдом ба тафсил идома дошта, дар ҳаёти ҳар шаҳрванди диёри азизамон хотираҳои нек мемонад ва ҳамзамон ба бедории миллӣ мусоидат менамояд.

Ҷоизи зикр аст, ки дар баробари ҳаёти ҷамъияти сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ низ рушд намудааст. Дар ин замина дар ҷумҳурӣ барои ривоҷ додани корҳои лоиҳакашиву сохтмонӣ иқтидори бузург вуҷуд дошта, барои ин ҳама шароит ва имконияти фароҳам оварда шудаанд.

Ҳисоб меравад, ки санъати меъморӣ бе назардошти беҳтарин анъанаҳои миллӣ, аз нуқтаи назари маънавӣ-эстетикӣ кӯшиши безавқ мебошад. Пас истифодаи мавҳоди зеҳние, ки аз анъанаҳои миллии илмӣ асоснокшуда сарчашма мегиранд ва аз санҷиши таърих гузаштаанд, яке аз заминаи тарбияи завқи миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва омилҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад. Дар ин самт эҳёдиёти бойи миллӣ, таҷриба ва истифодаи усулҳои навини меъмории ҷумҳурӣ метавонад имконияти сохтмони биноҳои истиқоматии камхарҷ ва бо ҳузуру ҳаловатро барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба бор оварад ва ҳамзамон шаҳру ноҳия ва маҳалҳои худро зебо ва барои зиндагӣ муносиб гардонад.

Эҳёи соҳаи санъати меъмории миллии минтақавиро, ки яке аз самтҳои рушд мебошад, бо роҳи ҳадафҳои илман қавӣ, озмоишӣ ва таҷрибавӣ бояд ба роҳ монд, дар ин ҳол мо метавонем ба бисёр саволҳои эҷодӣ ҷавоб бигирем.

Омӯзиши таҳлилҳои олимони бузурги ин соҳа нишон медиҳанд, ки бояд меъмории миллӣ, ҳамчун ифодаи фарҳанги ҷамъиятӣ, вуҷудан ва табиатан рушд намояд ва ҳеҷ гоҳ набояд бо усули директивӣ асос ёбад. Бахри расидан ба ин ҳадаф бояд ҳатман меъмории мустақили минтақавӣ пайдо шавад.

Қобили қайд аст, ки мӯҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбати рушди меъмории миллии муосир таваҷҷӯҳи хоса доранд.

Маҳз бо дастгирии ҷаноби Олӣ як ҳуҷҷати тақдирсози ин соҳа - Кодекси шаҳрсозӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду баланд ва бо такя ба санъати меъмории халқӣ, инъикоскунандаи хусусиятҳои ҷуғрофидошта, иҷтимой-маишӣ ва шароити зисти этникӣ асос ёбанд. Ва инчунин бояд назари эҷодиёти меъморӣ ҳамчун дахлнопазирии қисми пурраи раванди таърихӣ ва пайдоиши фарҳанг, муайян намудани роҳҳои рушд ва мукаммалкунӣ фаъолият намоянд.

Асосҳои миллии навини меъмориро дар минтақаҳои гуногун метавон танҳо ҳангоми лоиҳакашии бино дар шароити маҳал ва таъсири омилҳои дар боло қайд гардида, пайдо намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбати сифати сохтмон дар минтақаҳо талаботи ҷиддӣ доранд.

Бояд гуфт, ки сифати баланди сохтмон ба сифати баланди таҳияи лоиҳаи иншоот вобастагии қавӣ дорад. Сатҳ ва сифати баланди таҳияи лоиҳаҳо дар рафти сохтмон таъсири ҷиддии худро мерасонад.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, меъморони ҷумҳуриро бо Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ муборакбод намуда, пеш аз ҳама саломатии бардавом, умри дарози бобаракат ва расидан ба нумӯи санъати меъмории миллӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тибқи нақшаи чорабиниҳо аз мутахассисони ботаҷриба ва маълумоти олӣ доштаи соҳа таъмин гардида, лоиҳаҳои таҳияшуда дар сатҳи қуллаҳои баланди касбиро таманно менамоям.



**ФАЙЗУЛЛОЗОДА Нусратулло,**
**муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУРГАБ - ДОЛИНА ЭНЕРГИИ

Мургаб самый отдаленный уголок Таджикистана и одна из самых высокогорных селений мира.

Когда наши предки говорили ПОМЭР, они, как правило, имели в виду именно эту местность, что означает возвышенность и простор. Действительно, глубокий смысл слова «Памир» можно понять только тогда, когда проезжаешь по Восточному Памиру. Да, Памир это: возвышенный, величественный, верхний, просторный, обширный, необъятный, необозримый.

Наверно поэтому кто-то когда-то называл его «Крышей Мира». Т.е. просторный и голый. Здесь, так шутя, говорят местные жители: «лунный пейзаж». В Мургабе почти нет лесов, кустарников, деревьев, высокорослых цветов.

В Мургабе не мечтайте о фешенебельных и элегантных вилл и отелей, песчаных пляжей, голубых бассейнов роскошных кафе и ресторанов с комфортными диванами...



**Одно из высочайших озер мира Кули Суман (Озеро Яшилькуль) на абсолютной высоте 3734 м.**

Однако здесь есть Энергия, Большая Энергия которая идет отовсюду. Восточный Памир имеет свой колорит, которого не увидите нигде, здесь самый целебный горный воздух, которого не дышите в других местах.

Здесь самые реальные люди на свете.

Каждое путешествие в Мургаб это путешествие в океан Энергии! Каждый раз с Мургаба я возвращаюсь с таким ощущением: как будто я находился где-то очень совсем близко у самого СОЗДАТЕЛЬЯ.

Почему то я уверен, что ультрафиолетовые пронизывающие солнечные лучи Мургаба способны победить любой вирус, ходячей сегодня по миру.

Посещайте Мургаб!

**К. АЛАМШОЕВ**

CMYK

# МЕЪМОРӢ ИНЪИКОСГАР ВА ҚОСИДИ ДАВРУ ЗАМОНИ ХУД АСТ

*То мард ба мисли лаъл дилхун нашавад,*
*Дар роҳи вафо қимматаш афзун нашавад.*

**Дар арафаи Рӯзи байналхалқии меъморон бо яке аз меъморони варзида “Меъмори фахрӣ” ва “Устоди меъморӣ” Шаҳобов Миршариф вохӯрда, оид ба ҳамкории шогирду устод суҳбате оростем, ки муҳтавои онро пешкаши хонандагони «Рӯзномаи бинокорон» менамоем.**



***- Муҳтарам Миршариф Шаҳобов, мехостам андешаҳои худро ҳамчун устод оид ба тарбияи шогирдон иброз намоед.***

- Дар ҳама давру замон кори байни шогирду устод дар ҳамкории бевоста ба роҳ монда шуда буд. Ин тарзи сабақомӯзӣ имрӯз ҳам побарҷост ва самараи хуб медиҳад. Шогирдон дар назди устод дар муассисаҳои донишомӯзӣ, дар ҷои кор, устохонаҳои касбомӯзӣ пайрави устод шуда, бо ҳидояти ӯ нозукиҳои касби интихоб кардаашро аз худ мекунад ва устоди касби худ гашта, номбардори устоду авлод ва миллати худ мешаванд.

Асосан ин тарзи кор дар соҳаи санъат, кино, овозхонию мутрибӣ, рассомию ҳайкалтарошӣ ва меъморӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Одатан вақте, ки нақши хуби актёр, кори зебои рассому ҳайкалтарош ва бинои зебою нодирро бинанд, мегӯянд, муаллифаш мактаби фалон устодро хатм кардааст. Ҳатто се меъмори барҷастаи ғарб дар асри XX, устодон Ле Корбузье, Гропиус ва Мис ван дер Роэ шогирдони Петер Беренс-меъмори олмонӣ буданд.

Дар Корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии Сохтмон ва меъморӣ” сарфи назар аз ҷавониаш, (имсол понздаҳсола мешавад), яке аз пажуҳишгоҳҳое аст, ки шогирдон, мутахассисони ҷавон - меъморону муҳандисон пас аз хатми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба кор қабул гардида, бо усули баёнгашта, яъне робитаи бевоситаи устод - шогирд ба донишомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Онҳо бо меъёрҳову қоидаҳои шаҳрсозию сохтмонӣ аз наздик шинос мешаванд, меъёрҳову қоидаҳои сохтмонӣ ва меъмории ниёгонро амиқтар меомӯзанд, чунки дар давраи хониш ба ин маводҳо кам эътибор медиҳанд, фикр мекунанд, ки инҳо чандон муҳим нестанд. Аммо ин хатои маҳз аст, чунки дар лоиҳакашӣ донистану татбиқ намудани меъёрҳову қоидаҳои сохтмонӣ, меъмории ниёгон ва муосир кафили устуворию ҷаззобии бинову иншооти лоиҳавӣ ва ба таъиноташ ҷавобгӯ будани он мебошад. Дар рафти кор донишу малакаи азбар кардаи худро боз сайқал дода, онро дар лоиҳакашӣ, офаридани биноҳову иншооти барои ҳаёти инсон зарурӣ истифода мебаранд.







***- Ба фикри Шумо меъморӣ чист?***

- Меъморӣ санъату илме мебошад, ки бо дасту истеъдоди меъмор барои инсон муҳити мусоид бунёд мегардад. Муҳите, ки талаботи инсонро қонеъ мегардонад. Меъморӣ инъикосгару қосиди давру замони худ буда, бо зебогию бемислӣ ва мавзунӣ ба инсон таъсир мерасонад. Вақте, ки одам бинои зебою нодир ва ҷаззобро мебинад, дар дохилу атрофи он сайр мекунад, беихтиёр худро дар муҳиту давру замони бунёди бино тасаввур мекунад.

***- Таҳти роҳбарии Шумо шогирдонатон кадом лоиҳаҳои иншооти гуногунро таҳия намудаанд?***

- Ҳамроҳи меъморони ҷавон як катор лоиҳаҳои иншооти таъиноташон гуногунро таҳия намудаем. Дар таҳияи лоиҳаҳои озмунӣ низ иштирок кардем. Якчанд лоиҳаҳои таҳиянамудаи онҳо ғолиби озмунҳо дониста шуданд. Лоиҳаҳои “Мактаби зеҳнӣ барои 480 хонанда дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе”, “Маҷмааи муассисаи таҳсилоти томактабии ”Меҳри модар” барои 1200 ҷой бо муҷассамаи “Модар” дар маҳаллаи 117 шаҳри Душанбе”, “Лоиҳаи иморатсозии кӯчаи Н. Қарабоев”-и шаҳри Душанбе, “Маркази намоишгоҳи байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе”, “Толори футболи хурд барои 3000 ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе” ғолиби озмунҳо мебошанд.

Бо дарки гуфтаҳои боло ва масъулияти калон меъморони ҷавон Абдулҳақзода М., Лолаев Б., Дӯстмуродов А., Фирӯзаи Тоҷимурод ва дигарон ҳамроҳи устодонашон бо лоиҳаҳои таҳиянамудаашон дар озмунҳои маҳаллию байналхалқӣ иштирок намуда, ғолиби озмун дониста шуданд ва соҳиби дипломҳо шуданд.

***- Ташаккур барои суҳбататон. Шуморо бо Рӯзи байналмиллалии меъморон табрик намуда, дар корҳои ояндааион муваффақиятҳо орзу менамоем.***

**Суҳбаторо Д. НУРЗОДА**

## Шиноснома

*Шаҳобов Миршариф 18 июли соли 1950 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳозира Ваҳдат) таваллуд шудааст. Баъди хатми Институти Политехникӣ соли 1971 дар институти лоиҳакашии “Душанбегипрогор” (ҳозира «Душанбешаҳрсоз») фаъолият мекунад. Ҳамчун меъмор ва меъмори калон дар ташкилоти номбурда лоиҳаҳои зеринро таҳия намудааст:*

*- “Азнавсозии боғи марказии ба номи Ленин” (ҳозира Абӯабдулло Рӯдакӣ) дар шаҳри Душанбе, ҳамроҳи меъморон Каримов Ш. М. ва Гуля С.Е.*

*- “Бинои иловасохти таваллудхонаи №2 барои 76 кат дар шаҳри Душанбе” ҳамроҳи меъмор Попов М.В.*

*- “Ошхона барои 160 ҷойи нишаст дар Университети давлатии Тоҷикистон” (ҳоло ДМТ), дар хиёбони ба номи Ленини шаҳри Душанбе.*

*Солҳои 1974-1975 дар идораи лоиҳакашию конструктории трести “Тоҷикгидроэнергострой” ба ҳайси мудири бахш кор карда, лоиҳаҳои зеринро таҳия намудааст:*

*- “Минтақаи фароғатии заводи ЖБК ва СД дар Харангон”*

*- “Бинои маъмурӣ-маишии УМР дар шаҳри Норак”*

*- “Ободонию сабзазоркунии ҳудуди НБО Намадгут дар ноҳияи Ишкошим”.*

*Аз соли 1975 то соли 2000, дар муддати 25 сол дар вазифаи сармеъмори шаҳру ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) кор кардааст. Солҳои 1980-1984 ҳамзамон ба донишҷӯёни шуъбаи меъмории Институти политехникии Тоҷикистон (ДТТ) таълим додааст.*

*Баъдан солҳои 2000-2010 фаъолияти меҳнатиаш дар Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе идома ёфтааст. Аввал сармеъмори ноҳияи Роҳи оҳан (ҳоло Шоҳмансур), баъд дар вазифаҳои мудири шуъбаи меъморони ноҳияҳои шаҳри Душанбе, муовини сармеъмори шаҳри Душанбе ва соли 2010 сармеъмори шаҳри Душанбе кор кардааст.*

*Солҳои 2011-2015 дар Раёсати Экспертизаи лоиҳаҳои сохтмон дар вазифаи сармеъмори раёсат фаъолият намудааст.*

*Аз соли 2016 дар Корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии Сохтмон ва меъморӣ” ба ҳайси сармеъмори корхона, ҳоло мушовири директор оид ба масъалаҳои меъморӣ фаъолият дорад.*

*Дар тӯли ин солҳо меъмор Миршариф Шаҳобов зиёда аз 60 лоиҳа таҳия намудааст. Дар таҳия намудану тарҷумаи меъёрҳою қоидаҳои сохтмонӣ, нормалҳо ва ҳуҷҷатҳои роҳбарикунандаи сохтмонӣ саҳми арзанда гузоштааст.*

*Шаҳобов Миршариф аз соли 1982 аъзои Иттифоқи меъморони СССР ва Тоҷикистон буда, бо медали тиллоии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ва барои лоиҳаи ободонии шаҳраки “Мургпарварон”-и ноҳияи Орҷоникидзеобод ва татбиқи он дар амал бо медали биринҷии Намоишгоҳи Дастовардҳои Хоҷагии Халқи (ВДНХ) СССР, мукофотонида шуда, сазовори унвонҳои “Меъмори фахрӣ” ва “Устоди меъморӣ” гардидааст.*

# СУҒД : СОХТМОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



**Маъруфҷон МУҲАММАДЗОДА**

***Бахши сохтмон аз ҷумлаи муҳимтарин соҳоти хоҷагии халқи ҳар кишвар маҳсуб ёфта, рушди он гувоҳ ва ё рамзест аз тинҷиву оромӣ, пешрафти иқтисодӣ ва осоиши мардум. Бешубҳа, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз воқеан ҳам сохтмон-бинокорӣ ба сатҳи баланд ва ё авҷи аълояш расида, дар ҳамаи шаҳру навоҳии кишвар то ба дурдасттарин рустояш рушд ёфтаву обод мешаванд. Бино ба мушоҳидаи коршиносони соҳа ин раванд бе бозгашт акнун идома меёбад. Бо қомат рост кардани иншооти гуногуну дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию варзишӣ симои зоҳирии худи рустову шаҳру навоҳӣ низ ба хубӣ тағйир ёфтааст.***

***Албатта, самари даврони соҳибистиқлолист, ки имрӯз дар деҳоти кӯҳистон биноҳои марказии савдо ба қавли имрӯзиён "супермаркетҳо", тарабхона, толори бозиҳои варзишии тенниси рӯи мизиву билярдҳо, роҳҳои ба сифат мумфаршшуда мусоидат мекунанд, ки фарқ миёни деҳаву шаҳрҳо коҳиш ёбанд. Бо гузашти 30 соли даврони соҳибистиқлолӣ воқеан ҳам иқрор шуд, ки натанҳо шаҳрҳову шаҳракҳо акнун рустои тоҷик низ басо ҷолибу дилпазир ба назар мерасанд.***

***Умуман, аз назари касбият ҷараёни сохтмонро дар ҳамаи шаклҳо, дар ин фосилаи вақт, аз ҷумла, дар вилояти Суғд чӣ рақам метавон арзёбӣ кард? Дар ин робита, хабарнигори дар вилояти Суғдбудаамон Ҷовиди АШТӢ суҳбате анҷом додааст бо Маъруфҷон Муҳаммадзода, мудири бахши сохтмони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, ки манзури шумо хонандагони азиз мегардонем.***

***- Вилояти Суғд аз ҷумлаи калонтарин минтақаҳои кишвари тозаистиқлоли мост, сатҳи рушди сохтмонро дар ин фосилаи вақт ин ҷо чӣ рақам арзёбӣ мекунед?***

- Мусалламан, аз қадим бармеояду собит ҳам шудааст, ки он кишвар ободу зебо, сарсабзу хуррам мешавад, ки нахуст он ҷо сулҳу оромист ва ченаки дуввум иқтисодиёт пешрав ва баъдан аҳолӣ низ рӯзгори ободу осударо дорост. Хушбахтона, баъди расидан ба соҳибистиқлолиятӣ, баъди бо талошҳои пайгиронаву суботкории Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотима гузоштан ба ҷанги шаҳрвандию муваффақ гаштан ба Ваҳдату истиқрори сулҳ барои мардуми шарафманди тоҷик, ки аз миллатҳои тамаддунсоз аст марҳилаи ободкориву созандагӣ омад. Хурду калон бо як ҷаҳон эҳсоси шодмониву ифтихор аз самари истиқлолу шукри давлатдории миллӣ, бо такя ба анъанаҳои неки аҷдодӣ дасту остин барзаданд ба иқдомҳои ободкорӣ ва инак, натиҷаи ин тасмимҳо пеши назар ҷилвагар мешаванд даҳҳо, садҳо ва ҳатто ҳазорҳо ҳазор иншооти дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию варзишӣ, ки дидани онҳо қалбҳоро фараҳ бахшида, ба ҳар шаҳрванди мамлакат шодиву масрурӣ ато мекунанд. Танҳо пойтахту шаҳрҳои бузург ва шаҳракҳо не, то дурдастарин деҳу маҳалҳои вилоят имрӯз ободу хуррам шудаанд. Кӯчаю хиёбонҳои сарсабзу хуррам ва биноҳои баландошёнаи қоматросткарда, дар шаҳрҳо, роҳҳои мумфаршудаи маркази шаҳраку деҳот, нуктаҳои хизматрасонии маишӣ, марказҳои савдо, нуктаҳои тиббу дӯконҳои ҳунармандӣ самари даврони соҳибистиқлолист ва бо мушоҳида аз ин ободкориҳо воқеан ҳам метавон гуфт, ки соҳаи сохтмон аз ҷумлаи муваффақтарин дар ин даврони соҳибистиқлолии миллат аст.

Сохтмончиёни вилоят аз рӯзҳои аввали истиқлолият барои ободу зебо гардонидани диёрамон камари ҳиммат баста дар ин муддат садҳо, иштибоҳ нахоҳад шуд, ҳазорҳо иншооти таъиноти гуногунро сохта ба истифода супориданд. Маҳз бо талошу такопӯйҳои бинокорон имрӯз симои ҳамаи 18 шаҳру ноҳияҳои вилоят ба хубӣ дигар шуда, тархи замонавӣ гирифтанд.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бо такя ба технологияи пешқадаму муосир корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, мутобиқ ба талаботи давр хонаҳои истиқоматӣ, беморхонаю мактабҳо, кӯдакистонҳои замонавӣ, боғҳо, қасрҳои фарҳангӣ, варзишгоҳҳои хурду бузург сохта шуданд,ки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагонии шаҳрвандон ва дуруст тарбия намудани насли наврас мусоидат мекунанд.

***- Агар ба забони рақам ҳарф занем-чӣ?***

- Он ҷӯшу хурӯши корҳои сохтмонӣ, ки дар ин давра, яъне солҳои соҳибистиқлолӣ ба чашм мерасанд дар ягон давру замон мушоҳида нашудааст. Масалан, дар ин муддат қариб 8 миллиарду 312,9 млн. сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор даровварда шуда, зиёда аз 1 миллиарду 4316 млн. сомонӣ маблағгузории капиталӣ аз худ карда шудааст. Ба маблағи 1158,7 млн. сомонӣ корҳои сохтмону васлкунӣ ва қариб 4704,3 млн. сомонӣ корҳои пудратӣ аз тарафи ташкилотҳои пудратӣ иҷро карда шуданд. Дар ин давра зиёда аз 4,2 млн. метри мураббаъ манзил сохта шуда, бо таваҷҷуҳ аз он ки насли наврас - ояндасозони миллат бо маърифату бо савод бошанд, дар ин муддат дар вилоят, бо ҳамаи шаклҳо барои 68 ҳазору 55 хонанда мактабҳо, барои фарогирии зарурии беморон беморхона дорои 2 ҳазору 259 кат ва дармонгоҳ барои қабули 3 ҳазору 260 бемор сохта, ба истифода дода шуданд, ки ин баландатарин нишондод дар 80-соли охир аст.

***- Воқеан ҳам таҳлилҳо аз он бозгӯӣ доранд нишондиҳандаҳои соҳа аз огози соҳибистиқлолӣ аз соли 1992 то имрӯз сол аз сол не, рӯз ба рӯз тамоили афзуншавӣ пайдо кардааст, ба истифода додани фондҳои асосӣ ва азхудкунии маблағгузории капиталӣ афзуда, корҳои сохтмону васлкунӣ ва пудратӣ барзиёд ва бо сифату сатҳи баланд ба иҷро мерасанд?***

- Дар ҳақиқат, тибқи барномаҳои амалии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар соли 1998 ва 1999, инчунин «Барномаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғд барои солҳои 2001-2005» дар соҳаи сохтмон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадааст. Дар ин муддат сохтмони иншооти истеҳсолӣ, ба монанди навбати аввали комбинати тилло дар шаҳри Панҷакент, фабрикаи дӯзандагии корхонаи муштараки «Абрешим» дар шаҳри Хуҷанд, фабрикаи ресандагию бофандагӣ дар ҶС «Колинҳо» дар шаҳри Гулистон (қаблан Қайроққум), корхонаи равғанкашӣ барои 50 тонна тухмӣ дар як баст дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ноҳияи Ашт, корхонаи тавлиди оби ошомидании минералии «Оби-Зулол» дар шаҳри Истаравшан, заводи пахта барои коркарди 25 ҳазор тонна нах дар як сол дар ноҳияи Зафаробод, коргоҳи хурди консервабарорӣ ва заводи коркарди нафт дар шаҳри Конибодом, заводи пахтатозакунӣ дар ноҳияи Мастчоҳ сохта ба истифода дода шуданд.

***- Пас аз тинҷиву оромӣ дар кишвар, рӯ ба рушд ниҳодани саноат дар ҳамаи самтҳо боз мусоидат карданд ба равнақи соҳаи сохтмон?***

- Баъле, дар солҳои 2006-2021 мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо тасмим гирифтаанд, ки дар соҳаи сохтмон корҳои бунёдкорӣ ва ободонию созандагии худро идома медиҳанд. Бо ин мақсад, дар ин муддат сохтмони даҳҳо мактабҳо, беморхонаю табобатгоҳҳо ва дигар иншооти маданию маишӣ ба нақша гирифта шуда, ба истифода дода шудаанд.

Ифтихори тамоми сокинони вилоят, аз он ҷумла, ифтихори сохтмончиён аст, ки дар ифтитоҳи бисёр иншоот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, ба сатҳу сифати сохтмон баҳои баланд дода, барои боз ҳам хубтар кардани сифати сохтмон дастуру супоришҳои муфид медиҳанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар солҳои истиқлолият, махсусан баъди солҳои 2000-ум барои сохтмони иншооти таъиноти иҷтимоӣ-иқтисодӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, дар қаламрави вилоят корҳои сохтмонӣ боз ҳам вусъати тоза гирифт. Дар натиҷа дар ҳудуди вилоят шумораи зиёди иншоот сохта шудаанд. Аз он ҷумла, дар шаҳри Хуҷанд «Қасри варзишӣ» барои 3000 ҷойи нишаст, «Кӯдакистони президентӣ» барои 1000 кӯдак, мактаби нав дар маҳаллаи саноатӣ ва «Варзишгоҳ» дар микроноҳияи 20-уми шаҳри Хуҷанд, Осорхонаи вилоятӣ ва азнавсозии девори Қалъаи Хуҷанд, бинои нави Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Варзишгоҳ барои 25 ҳазор тамошобин, Боғи Камоли Хуҷандӣ, Майдони шоҳ Исмоили Сомонӣ бо муҷассама ва фавворaҳои ранга, Кохи матбаа ва дигар иншоот. Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров: беморхонаи марказӣ, муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, майдони назди истгоҳи роҳи оҳан бо пайкараи академик Бобоҷон Ғафуров, осорхонаи Бобоҷон Ғафуров, қасри фарҳанг, мактаби №13 дар деҳаи Ҳайдар Усмонов, мактаб бо хобгоҳаш барои хонандагони лаёқатманд, варзишгоҳ барои 7000 нафар тамошобин дар Ҷамоати деҳо-



ти Хистеварз, сохтмони толори варзишӣ барои 300 ҷойи нишаст дар ноҳияи Ашт, маркази хизматрасонии «Файз»-и деҳаи Далёни ноҳияи Деваштич, сохтмони мактаби №27 барои 150 хонанда, бунгоҳи тиббӣ дар кӯчаи Дӯстии шаҳри Истаравшан, бинои нави замонавии прокуратураи ноҳияи Ҷ. Расулов, варзишгоҳҳо барои 5 ҳазор ҷойи нишаст ва 4 ҳазор тамошобин дар Ҷамоатҳои деҳоти Чоркуҳ ва Сурх, варзишгоҳи марказӣ барои 20 ҳазор тамошибин дар шаҳри Исфара, «Кохи матбуот», силсилаи фаввораҳо ва «Ҳавзи шиноварӣ», «Муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ» ва бинои нави Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, сиёсат ва бизнеси Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, бинои Беморхонаи касалиҳои дил, Чойхонаи миллӣ, муассисаи истироҳатӣ ва солимгардонии наврасону ҷавонон дар ноҳияи Ҷаббор Расулов, хонаи бисёрошёна дар шаҳри Конибодом, бинои мактаби нави №36 барои 240 хонанда ва маҷмааи варзишии «Далерон» дар шаҳри Истаравшан, бинои мактаби нав барои 240 хонанда дар деҳаи Саро ва мактаб барои 120 хонанда дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт, мактабҳо барои 120 хонанда дар деҳаи Каздон, барои 96 хонанда дар деҳаи Хушекат ва Гузари Боди ноҳияи Айнӣ, мактаб барои 150 хонанда дар деҳаи Янги ҳаёти ноҳияи Ҷаббор Расулов, мактаб барои 244 хонанда дар деҳаи Қалъачаи Гули Зарди ноҳияи Истаравшан ва мактаб барои 320 хонанда дар деҳаи Оббурдони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва ғайра сохта ва истифода дода шудаанд.

Бинокорони варзидаю гулбадасти Суғд ва дигар кормандони соҳаи сохтмон ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар талошу такопӯй қарор доранд.

Дар асоси нақша-ҷорабиниҳои тасдиқшуда бо назардошти тағйиру иловаҳои воридгардида дар қаламрави вилоят сохтмон, азнавсозӣ ва таъмиру таҷдиди 7577 адад иншоот ба назар гирифта шудааст.

Бояд бо ифтихор қайд намуд, ки ҳангоми сафарҳои кориашон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят Пешвои миллат ба корҳои ободонию созандагӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ифтитоҳи бисёр иншоот шахсан иштирок намуданд.

**Ҷовиди АШТӢ**



**Шавкат НАБИЕВ**

# МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ БА МАҚСАД МЕРАСОНАД

Кас ба биноҳои хуштарҳу замонавии пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Ҷумҳурии азизамон дида дӯхта, аз тарзи сохтмон, меъморӣ ва намудҳои дилкаши он ба ваҷд меояд ва ҳамзамон ба муҳандисону сохтмончиёни он аҳсану офарин мегӯяд. Ҳар як кунҷу канори ин ё он иморати сохташуда ба худ рамзе дорад. Яъне, ҳар кадом қисмати ин ё он бино ба ҳамон гунае, ки ҳаст, бесабаб сохта нашудааст. Биноҳо бо сохти замонавию тарҳи миллӣ ва мунаққашиашон ба кас руҳияи тоза ато мекунанд, дар замири кас олами зебоиро парвариш дода, бо ҳама гирумони созандаи бино ҳисси ҳайрониву муассир шуданро ба вуҷуд меоранд. Вале боре андешидаем, ки чунин иншоот чӣ тавр «тавлид» меёбанд?

Дар байни халқ байте машҳур аст:

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

Ба хотири он, ки меъмор хиштро каҷ нагузорад, дар ин самт заҳмати лоиҳакашу муҳандис ниҳоят калон аст.

...Падар вақте дуредгарӣ мекард, Шавкати хурдсол ба кору бори ӯ зеҳн мемонд. Рафта-рафта аз сохтани дару тирезаҳои қиблагоҳ вай завқ мебурд ва ифтихор дошт, ки падараш ин гуна ҳунару маҳорат дорад ва маҳсули дасти ӯ ҳар як хонаву деҳу барзанро зеб медиҳад. Ниҳоят Шавкат мактаби рақами 24-и ноҳияи Фирдавсиро соли 1999-ум хатм намуду бо маслиҳату машварати волидон ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҳуҷҷат супориду донишҷӯй гардид. Панҷ соли заҳматҳои шабонарӯзӣ ҳам гузаштанду факултаи сохтмон ва меъмориро бо ихтисоси муҳандис-сохтмончӣ хатм кард ва соҳиби диплом гардид.

Онҳо, бино ба нақли Шавкат, дар оила шаш нафаранд. Падар бемор шуду хеле ҷавон - дар синни 47-солагӣ ин дунёро падруд гуфт. Модари мушфиқу ғамхор, новобаста ба пастиву баландиҳои рӯзгор, се нафар писару се духтари дӯстрӯйро калон кард, хононд ва ҳамаашон соҳиби маълумоти олӣ шуданд. Имрӯзҳо модар аз фарзандони солеҳаш меболад, ки худро дар ҷомеа ҳамчун одамони даркорӣ нишон дода метавонанд. Додараш Камолиддин ҳам касби бародарро интихоб кард, хонд, таҷриба омӯхт. Айни замон Камолиддин Набиев дар дирексияи сохтмони асосии муассисаи САНИИОСП-и шаҳри Душанбе сардори шуъба шуда кор мекунад.

Шавкат ҷавон бошад ҳам, аллакай дар чандин ташкилоту корхонаҳои сохтмонӣ кор карда, таҷриба андӯхт. Вай фаъолияти худро солҳои 2004-2008 аввал дар институти тадқиқотии лоиҳакашии «Тоҷикгипротрансстрой»-и назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муҳандис-конструктор шурӯъ кард. Ҳамзамон дар аксар лоиҳаҳои сохтмонӣ ширкат намуд. Масалан, вай ҳамчун мутахассиси назоратчӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилии Душанбе-Кӯлоб-Қалъаихумб-Шоҳон-Зиғар ширкат дошт. Минбаъд дар барқарор ва таъмири роҳҳои хиёбони Саъдӣ, Айнӣ, роҳи қисмати рости дарёчаи Душанбе, дар лоиҳакашӣ, ҷо ба ҷо кардани ҳуҷҷатҳо ва таҳдиди назар кардани расмиёти тунели Шар-Шар низ саҳми беандоза дорад. Минбаъд фаъолияташро дар ҶДММ «Фазлӣ» (солҳои 2006-2008) ҳамчун мутахассиси пешбар идома додааст. Дар баробари фаъолияти сермаҳсулаш дар аксари



корхонаҳои шахсиву давлатӣ аз рӯйи ихтисос ифои вазифа намуд. Аз соли 2008-ум бошад, ба ҶСК «Шаҳрофар» ҳамчун лоиҳакаши дараҷаи 3 пайваст ва аз соли ҷорӣ ӯро дар ин корхона ба вазифаи сармуҳандис пазируфтанд.

Шавкат Набиев ҳамчун сармуҳандис дар ободонии шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла, пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе саҳми муносиб мегузорад. Хидмати ӯ ҳамчун муҳандис ва лоиҳакаши шинохта дар сохтмони Нишони давлатӣ, иштирок дар сохтмон ва қисмати нақшакашии бинои «Душанбе-Плаза» осорхона ва китобхонаи барҳаво дар шаҳри Бохтар, лоиҳакашӣ ва сохтмони як қатор биноҳои нави таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, лоиҳасозӣ дар «Наврӯзгоҳи пойтахт» дар сохтмони манзараи «Тахти Ҷамшед» ва амсилаи минбари ин иншоот ҳамчун сармуҳандиси лоиҳа ширкат намудааст. Ҳамчунин, дар қатори дигар мутахассисон дар як идда биноҳои маскунии хиёбонҳои Рӯдакӣ, Айнӣ, Бухоро, Нусратулло Махсум, Неъмат Қарабоев ҳамчун назоратчии сифати лоиҳаҳо иштирок кардааст.

- Касби меъмориро ҳанӯз солҳои мактабхонӣ дӯст медоштам, - мегӯяд Ш. Набиев - Он солҳо хонаамон дар кӯчаи «50-солагии Тоҷикистон», маҳаллаи 61-уми пойтахт воқеъ гардида буд. Ҳангоми аз мактаб баргаштан ва дар вақтҳои холӣ ба биноҳои баландошёна нигариста, орзу мекардам, ки бинокор шавам. Акнун, ки ба мақсадам расидаам, мехоҳам, ки як умр касбамро дӯст дораму дар сохтмони хонаҳо ва муассисаҳои дигари таъиноти гуногун саҳм бигирам.

Воқеан ҳам, ҶСК «Шаҳрофар» вазифаи муҳимеро бар дӯш дорад. Хусусан, вазифаи кормандони ин корхона масъулияти зиёдеро мехоҳад. Яъне, побарҷой будани иморатҳо ба нақшаи пешниҳодкардаи онҳо вобаста аст. Имрӯз ин корхонаро Тоҷиддин Шамсиддинов роҳбарӣ менамояд. Вай таҷрибаи калон дошта, пештар сармеъмори шаҳри Ҳисор буд. Акнун вай ҳоло ҳамчун роҳбари ҶСК «Шаҳрофар» бо ҳайати 69 нафараи кормандон дар сохтмони биноҳои гуногунтаъинот ҳисса мегузорад.

Чунонки Ш. Набиев гуфт, ҳангоми кашидани лоиҳаҳо ҳатман ба фармоишгарҳо маслиҳат дода мешавад, ки корро мувофиқи тавсияи дар лоиҳа нишондодашуда ба роҳ монанд. Дар акси ҳол иморати сохташаванда бобаҷо нахоҳад буд. ҶСК «Шаҳрофар» ҳамкориро бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб ба роҳ мондааст. Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ ва суҳбатҳо бо мутахассисони дигар корҳои мо низ пеш мераванд.

- Ба ҳамагон маълум, ки баҳори имсола ба сокинони мардуми шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Рашту Ҷомӣ хисороти зиёде овард. Обхезии ногаҳон баъзеҳоро бехонаву дар кард. Аз ин рӯ, мо, кормандони ҶСК «Шаҳрофар», дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулода, сармеъморони шаҳру ноҳияҳои зарардида дар заминҳои аз тарафи ҳокимияти давлатии маҳаллии шаҳру ноҳияҳои зикргардида, дар масоҳати тақрибан 5 га нақшаи генералӣ барои панҷоҳ оила тартиб додем, - мегӯяд Ш. Набиев. - Кормандони мо то сохтани охирин биноҳои маскунӣ барои мутобиқи лоиҳа сохтани хонаҳо назорат менамоянд.

Бино ба таъкиди Шавкат Набиев корхонаи онҳо натанҳо дар лоиҳакашӣ саҳм мегирад, балки барои босифат сохтани биноҳо худро масъул мешуморад ва сифати масолеҳи сохтмониро низ назорат мебаранд.

Имсол мардуми меҳнатдӯсти тоҷик 30-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд менамоянд. Ҳамчунин, имсол «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар кишварҳои ИДМ» эълон гардидааст. ҶСК «Шаҳрофар» низ дар азнавсозии кӯчаҳои Н. Қарабоев, Борбад, Соҳилӣ ва дар лоиҳакашии як қатор биноҳои маъмуриву маскунӣ саҳм гузоштанист. Мо дар мисоли Ш. Набиев ба кулли кормандони ин корхона комёбиҳои рӯзафзун хоҳонем.

**Ҳотами ҲОМИД**

CMYK



**Қабули корҳои курсӣ аз ҷониби комиссияи кафедравӣ дар ҷамъбасти семестр, соли 2021. Устодон (аз рост ба чап): ДАДАБОЕВ М.Қ., ДОДАРҶОНОВ Э., МУҚИМОВ Р.С. ВА ТИЛЛОЕВ С.С.**

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ШИОРИ УСТОД АСТ

Ҳар гоҳ, ки сухан аз санъати меъморӣ меравад, дар назари кас симои биноҳои пурҳашамати шаҳрҳои бузурги дунё, ба монанди Москва, Лондон, Париж, Ню-йорк, Гонконг ва чанде шаҳрҳои дигар намоён мешаванд. Калимаи “МЕЪМОР”-ро шунидан пас, таърихи санъати сохтмонии Пирамидаҳои Миср, Рими қадим, Вавилону Тахти Ҷамшед, Самарқанду Бухорои Сомониён, ки бозгӯи меъмории бостонианд, пеши назар намоён мешаванд. Айни замон бошад, он иншооти осмонбӯси шаҳрҳои Дубай, Пекин, Гонконг, Москва ва Токио, ки нақши меъмории ҷаҳонӣ доранд ва ҷавобгӯи тамоми талаботҳои сохтмонии ҳозиразамонанд, дар як мижа задан аз назар гузашта, чунин менамоянд, ки гӯё меъморонашонро мешинохта бошам.

Ба нигоҳе аз шаҳри тозабунёди Душанбе низ, ки дар қатори шаҳрҳои бузург дар тӯли 30-соли истиқлолият сабзида истодааст ва ба як ҳисоб сар карда аз ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён - аввалин давлати муттамаркази тоҷикон, дар рушду нумӯъ ва бозсозӣ аст, нақши меъморон - эҷодгарони бино ва иншооти меъморӣ аз ҳама дида зиёд мебошад.

Ба шарофати ин сулҳу субот ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми соҳаҳои мамлакати азизамон дар пешравӣ аст, бахусус соҳаи сохтмон, ки дар он асоси лоиҳаҳои бунёдшавандаро меъморон мегузоранд, ба замони муосир ва ба урфу одат мувофиқ мекунонанд.

Аз ҷумла, имрӯз бо ифтихор аз меъморони рӯзгордидаи кафедраҳои тахассусӣ, ки дар тӯли 59 соли ифтитоҳёбии ихтисоси “Меъморӣ” дар рушду нумӯъ саҳм гузоштанд, ... Ҳамзамон илова менамоем, ки нақши меъморони мо дар қатори меъморони Москваю Санкт-Петербург дар амалигардонии Нақшаи генералии шаҳри азизамон - Душанбе назаррас мебошад. Имрӯзҳо аз ҷиҳати назариявӣ меъморон-хатмкунандагони мо бо Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе дар ҳамкорианд ва қуввату қудрати худро дар иҷрои нақшаҳои дар пешгузоштаи Давлату Ҳукумат ва махсусан Ҳукумати шаҳри Душанбе равона менамоянд.



**Қабули корҳои курсӣ аз фанни амсиласозӣ аз ҷониби комиссияи кафедравӣ дар ҷамъбасти семестр, соли 2020. Устодон (аз рост ба чап): ДОДАРҶОНОВ Э., ЭМОМОВА Ф.Ё., РАҲМАТУЛЛОЗОДА Ш.И., ТИЛЛОЕВ С.С., МУҚИМОВ Р.С., ДАДАБОЕВ М.Қ. ВА РАҲМОНОВ С.С.**

Коллективи имрӯзаи кафедраи “Дизайни муҳити меъморӣ ва тармим” бо истифода аз донишу малакаи устодон: доктори меъморӣ, профессор Муқимов Р.С. ва доктори илмҳои таърих, и.в.дотсент Тиллоев С.С. истифода бурда, зери роҳбарии мудири кафедра номзади меъморӣ, муаллими калон Эмомова Ф.Ё. барои пешбурди илму таълим кадрҳои баландихтисоси соҳаи меъморӣ ва дизайни муҳити меъморӣ тарбия намуда истодаанд, то бо ёри ҷавонон ва эҷоди лоиҳаҳои беҳтаринашон шаҳри азизамонро дар дунё муаррифӣ намоянд.

Имрӯзҳо омӯзгорони кафедра тамоми дониши доштаашонро дар доираи нақшаи раванди таълим ба донишҷӯён омӯзонда истода, ҷаҳду талош доранд, ки онҳо бо саводи кофӣ аз ин даргоҳи илму ҳунар - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо сари баланд берун бароянд. Аз курси якум дасти ҳар як донишҷӯро ба ҳунарҳои эҷодкорӣ: меъморӣ-шаҳрсозӣ, дизайнерӣ, рассомӣ, наққошӣ ва ҳайкалтарошӣ рост карда, аз ҷумла, фанҳои нодиртарини тахассусии зеринро ба онҳо меомӯзонанд: Асосҳои ихтисос ва лоиҳакашии меъморӣ, расмкашӣ, геометрияи тасвирӣ, нақшунигор, графикаи меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, асосҳои назарияи шаҳрсозӣ ва тарҳрезии ноҳиявӣ, шаклҳои хурди меъморӣ ва ободонии боғҳо, нақшаи генералӣ ва тарҳрезии маҳал, ободонии муҳандисии масоҳати замин ва ҳоказо.

Дар ин ҷо яке аз ташаббускорони асосии кафедра, муаллими калон Дадабоев М.Қ.-ро, ки дар Донишгоҳ ҳам устоди кафедра, муовини мудир ва муовини декани Факултети сохтмон ва меъморӣ кор карда омадааст, ном бурдан мумкин аст. Ӯ дар таълиму тарбия дар байни донишҷӯён, ташвиқу тарғиби корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарзи зарурӣ гузаронидани чорабиниҳо дар сатҳи кафедра, факултет, донишгоҳ ва ҷумҳурӣ, раванди корҳои ободонӣ дар факултетро ба роҳ мондааст, ки номи кафедра дар тамоми чорабиниҳо ва низ дар васоити ахбори омма вирди забон гаштааст. Ин ташаббусҳо сабаб ба он шуданд, ки симои толори ошёнаи панҷум, хонаи муаллимон беҳтар гардида, ҳатто рафтори донишҷӯён ба хониш ва давомоти онҳо беҳтару хубтар гаштааст. Устод Дадабоев М.Қ. ҳамчунин устоди сахтгир нисбат ба дарсҳои тахассусӣ (лоиҳакашии меъморӣ), ки ҳар як донишҷӯ бояд аз маълумоти зарурӣ бархӯрдор бошад, тамоми вуҷуди худро сарфи меҳнат намудааст.

Ҳамин буд, ки устод Дадабоев М.Қ. солҳои 2018 ва 2020 сазовори Ифтихорномаи Факултет ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ гардиданд. Инчунин, саҳми устодони дигари кафедра: Акбаров А.А., Муқимов Р.С., Наимов Қ.И., Брагина Н.Ю.-ро низ дар таълиму тарбияи донишҷӯёни меъмор ва дизайнер шоёни таҳсин аст.

Аминем, ки зери партави ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбия дар донишгоҳ рушд менамояд ва меъморони мо дар ҷодаи лоиҳабандӣ, тарҳрезӣ ва бунёд намудани шаҳрҳои Тоҷикистони азизамон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

**С.С. ТИЛЛОЕВ**



**Ҷаласаи пленарии Семинари илмӣ-амалӣ бо иштироки устодон ва донишҷӯёни меъмор ва дизайнер дар кафедра**

# ЛУЧШИЕ АРХИТЕКТУРНЫЕ РЕШЕНИЯ В ГОСУДАРСТВАХ-УЧАСТНИКАХ СНГ ЗА 30 ЛЕТ СУВЕРЕНИТЕТА

<< Начало на стр. 11 <<



**Азамат ТОХТАЕВ, Председатель правления Союза архитекторов Республики Узбекистан**

Народ Узбекистана отмечает 30-летия независимости государства. Эти годы характеризуются ростом социального статуса, творческой активности и ответственности архитекторов и строителей Узбекистана.

С первых дней после обретения независимости одним из приоритетных направлений стало комплексное развитие застройки городских и сельских поселений. Был принят Градостроительный кодекс, сформирована нормативная база, переработаны и утверждены сотни профильных документов, созданы Республиканский градостроительный совет при Кабинете министров Республики Узбекистан, архитектурно-градостроительные советы при хокимиятах областей и Совете министров Республики Каракалпакстан.

Разработаны Генеральная схема расселения на территории Республики Узбекистан, ряд отраслевых схем развития транспорта и инженерных коммуникаций. Разрабатываются генпланы городов, поселков, сельских населенных пунктов в увязке с развитием прилегающих территорий. Особое внимание уделяется сохранению, развитию, при необходимости-созданию зеленных массивов и парковых зон, благоустройству.

В последние пять лет активизировалась комплексная застройка городских кварталов, микрорайонов многоэтажными жилыми домами с объектами социальной инфраструктуры; это жильё доступно (с привлечением ипотечных кредитов) для широких слоев населения. На протяжении последнего десятилетия активно застраиваются и сельские населенные пункты; развивается их инженерная и транспортная инфраструктура.

Исключительное значение придается решению транспортных проблем. Организованы многоуровневые развязки, реконструированы существующие улицы, пробиты новые магистрали и проспекты, транзитный транспорт выведен за границы городской застройки. В Ташкенте осуществляется поэтапное строительство метрополитена (надземные и подземные участки). Все регионы республики обеспечены железнодорожным транспортом.

Построены Дворец форумов, Библиотека имени А. Навои, Конгресс-хол в Ташкенте; театры в Бухаре, Фергане, Термезе; Музей имени И.В. Савицкого в Нукусе; уникальные спортивные сооружения в Ташкенте, Ургенче, Карши, Нукусе, Фергане, Навои и др.; многочисленные учреждения здравоохранения и образования. Одним из приоритетов государства является развитие туристической отрасли и сопутствующей инфраструктуры.

Ведется работа по изучению культурного и духовного наследия, возрождению и благоустройству святых мест, реставрации памятников, реконструкции и развитию исторических кварталов древних городов.

Ташкент за годы независимости приобрел современный облик. В городе появилось множества знаковых построек, таких как комплекс по ул. Амира Темура (гостиница «Интерконтиненталь» НБУ, бизнес центр).

Возведен ряд крупных промышленных объектов, энергетических комплексов, развиваются свободные экономические зоны.

Применение современных технологий и материалов позволила сделать облик городов и сел более яркими. Заявил о себе новый путь развития-пространственной ясности, геометрической чистоты поверхностей, легких и прозрачных конструкций, новых типов зданий, новой монументальности в духе культуре сдержанности.



**Серик РУСТАМБЕКОВ, председатель городского Филиала Союза архитекторов Республики Казахстан, г. Нур-Султан**

Казахстан - страна с уникальным архитектурным наследием. Находясь в центре Евразийского континента, Казахстан оказался на перекрестке цивилизаций. Вбирая элементы разных культур опираясь на традиционные архитектурно-художественные формы, развиваясь в условиях полиэтничности и активно меняющегося исторического контекста, зодчество Казахстана обогащало свой язык.

Развитие национальной архитектурной школы в XX в. неразрывно связано с такими именами, как А.П. Зенков, Т.К. Басенов, Н.И. Рипинский, ММ. Мендикулов, В.З. Кацев, Л.Л. Ухоботов, Ю.Г. Ратушный, Ш.-А.И. Валиханов, Р.А. Сейда-лин, А.К. Капанов, А.И. Коржемпо, А.И. Мухтаров, О.Ж. Баймурзаев, С.И. Мордвинцев, В.Н. Ким, А.А. Петрова, С.К. Баймагамбетов. Значительную роль в развитии национальной архитектуры сыграли представители высшей школы, подготовившие не одно поколение высококвалифицированных и востребованных специалистов.

Архитекторы Казахстана многократно становились победителями международных смотров-конкурсов, как на пространстве СНГ, так и в странах дальнего зарубежья. Зодчие республики достойно представлены в международных профессиональных объединениях.

С обретением Казахстаном независимости архитектура республики вышла на новый виток развития, а перенос ее столицы дал дополнительный импульс для развития уникального евразийского стиля.

В этот период проявился талант таких архитекторов, как К.Ж. Монтахаев, Т.Е. Ералиев, С.И. Рустамбеков, Н.К. Койшыбеков, В.Т. Хван, В.Ф. Тоскин, В.А. Лаптев, Н.С. Токаев, С.Е. Жунусов, Б.Х. Тайталиев, С.Т. Бокебай, А.С. Толеген, Ш.З. Юсупов, Л.В. Нысанбаева, А.И. Рустембеков, С.Ж. Нарынов, Г.С. Садырбаев, Б.К. Аширбаев, Ш.У. Матайбеков, С.А. Фазылов, З.М. Мустафина, Г.С. Джакипова, С.С. Жанболатов, В.А. Гладких, А.А. Кочетов и многие другие. Славные традиции старшего поколения достойно продолжают молодые архитекторы, среди которых Е.А. Капабаев, Б.А. Мусулманбеков, А.А. Татыгулов, С.С. Рустамбеков, К.А. Курганов, Н.Д. Камитов, А.К. Садуов, В.В. Тоскина, Н.А. Каныбеков, Е.Б. Нурзаханов, А.М. Жанбыршы.

Многие построенные в XXI в. здания стали символами независимого Казахстана. Это монумент "Байтерек", Дворец мира и согласия, мечеть Хазрет Султан, мемориальный музей «Алжир» в г. Нур-Султан, монумент Независимости Казахстана, многофункциональный комплекс "Нурлы-Тау" высотное здание Esentai Tower в г. Алматы.

Масштабные строительные работы ведутся в г. Туркестан, Духовной столице тюркского мира. Утвержден генеральный план, который позволит создать полноценную комфортную среду для жителей и развитую туристическую инфраструктуру.

Применение информационного моделирования здании, стандартов «зеленого» строительства (BREEAM, LEED) и новейших инструментов управления проектами помогает проектным организациям Казахстана идти в ногу со временем и предлагать решения, соответствующие международным стандартам качества.

Включенные в современный глобальный контекст, мы продолжаем наращивать творческий и профессиональный потенциал, развивать национальный архитектурный стиль, вобравший многовековую историю м находящий оригинальные современные формы выражения.



**Юрий ПОВАР, Президент Союза архитекторов Республики Молдова**

Союза архитекторов Республики Молдова с огромным воодушевлением воспринял инициативу о проведении Года архитектуры и градостроительства в СНГ в 2021 году и о создании альбома «Лучшие архитектурные решения в государств-участников СНГ за 30 лет суверенитета.

К сожалению, за последние десятилетия это практически единственная международная акция, которая подчеркивает огромный вклад профессионалов - архитекторов в развитие наших городов и сел, в продвижение ценностей национальной архитектуры, в сохранение культурного достояния и в воспитание подрастающего поколения.

С момента декларации суверенитета и независимости в наших странах прошли изменения, которые определили необходимость создания собственной законодательной основы в области архитектуры, градостроительства, авторских прав и охраны памятников истории. В данном контексте молдавские архитекторы приложили серьёзные усилия, что повлияло на содержание принятых документов и повсеместно продвижение специальностей зодчего и градостроителя в сфере администрирования, бизнеса, среди различных слоев населения.

Необходимо также отметить, что на определенном отрезке времени снизились объемы инвестиций, но и в проектах, созданных в этот непростой период, наши архитекторы смогли раскрыть многие грани своего таланта и явить миру настоящие архитектурные шедевры, которые отвечали требованиям настоящего и намечали пути дальнейшего развития нашей специальности.

Надеемся, что выдвинутая инициатива поможет сплотить ряди архитектурного сообщества наших стран, поделиться богатейшим накопленным опытом, выработать направления поступательного движения в развитии населённых пунктов и повернуть лицом друг к другу всех участников проектного и строительного процессов.

CMYK

# ХАБАРНОМАИ ИТТИЛООТӢ

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо барои иштирок дар кори Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами меъморӣ ва шаҳрсозӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар соли 2021 даъват менамояд.

Баргузории конференсия санаи 12 ноябри соли 2021 ба нақша гирифта шудааст.

**Барои иштирок дар конференсия даъват карда мешаванд:**

- олимон, аспирантҳо, магистрантҳо, докторантҳо, мутахассисони соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон.

**Мақсади конференсия:** мубодилаи афкори илмӣ-амалӣ, муайян намудани дурнамои роҳҳои эҷод ва рушди меъморӣ, сохтмон, шаҳрсозӣ, сифати сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, техникаю технологияи муосир дар сохтмон, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти баланд бардоштани сифати лоиҳакашию сохтмон, нархгузорӣ, амалӣ ва барпо намудани ҳамкориҳо ва робитаҳои корию тиҷоратӣ дар самтҳои мазкур мебошад.

**Забонҳои кории конференсия:** тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

**Баргузории конференсия дар доираи бахшҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:**

**Бахши 1. Меъморӣ, сохтмон ва шаҳрсозӣ:**

• Меъмории бино ва иншоот;
• Шаҳрсозӣ ва меъмории ландшафтӣ;
• Таърихи меъморӣ;
• Лоиҳакашӣ ва дизайн;
• Назарияи меъморӣ;
• Тармим.

**Бахши 2. Сохтмон. Технологияи муосири сохтмон:**

• Сохтмон;
• Технология ва масолеҳи сохтмонии муосир;
• Таъмини газу гармӣ, ҳавотозакунӣ, таъмини об ва рафъи обҳои партов;
• Геология ва геодезияи муҳандисӣ дар сохтмон;
• Иншооти зеризаминӣ, асос ва таҳкурсиҳо;
• Эътимоднокии конструксияҳои сохтмонӣ ва асосҳо;
• Маҷмӯи бехатарӣ дар сохтмон;
• Системаҳои иттилоотӣ. Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон. Нархгузорӣ;
• Принсипҳои муосири ташкили сохтмон;
• Менеҷмент ва инноватсия дар рушди соҳаи сармоягузории сохтмонӣ. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи сохтмон;
• Энергиясамаранокӣ. Инфрасохтори муҳандисӣ ва экологии маҳалҳои аҳолинишин;
• Сохтмони геотехникӣ, энергетикӣ ва гидротехникӣ;
• Сохтмони роҳҳо, пулҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ.



## ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯ:

Хоҳишмандоне, ки дар кори конференсия хоҳиши иштирок доранд, бояд то санаи ***30 октябри соли 2021*** дар намуди электронӣ шакли бақайдгириро дар сайти конференсия **www.archconf.tj** пур намоянд.

Ба шакли бақайдгирӣ файлҳои зерини ҳуҷҷатҳо замима карда мешаванд:

• Шакли электронии маърӯза дар формати *.docx;
• Нусхаи варақаи якуми маърӯза бо имзои ҳамаи муаллифон дар шакли *.pdf;
• Нусхаи хулосаи экспертӣ оиди имконияти чопкунии маърӯза дар чопи кушод дар шакли *.pdf;
• Нусхаи тақриз бо имзои тақризнавис дар шакли *.pdf;
• Нусхаи сурати ҳар як муаллиф дар шакли *.jpeg (дар ҳолати розигии муаллиф сурати он дар сайти конференсия ҷой дода мешавад);
• Нусхаи маълумотномаи системаи «АНТИПЛАГИАТ» дар *.pdf.

Ҳамаи маърӯзаҳо расмиёти тафтиширо бояд тавассути системаи «АНТИПЛАГИАТ» гузаранд. Матни ҳақиқии маърӯзаҳо бояд на кам аз 75% бошад.

Шакли иштирок дар кори конференсия - фосилавӣ - баромад бо маърӯза тавассути пахши - интернетӣ, ғоибона - нашри маърӯза.

Миқдори маърӯзаҳо аз ҳар як иштирокчӣ на зиёда аз 3 маърӯза.

Ҳаҷми маърӯзаҳо: на кам аз 3 ва на зиёда аз 7 саҳифа бо назардошти ҷадвалҳо ва маводҳои графикӣ.

Миқдори истинодҳо ба рӯйхати адабиётҳо бояд на кам аз 5 бошад. Миқдори муаллифон на бояд аз чор нафар зиёд бошад.

Кумитаи тадорукот ба худ ҳуқуқи дар маҷмӯи маводҳои конференсия ворид накардани маърӯзаҳои тибқи талабот пешниҳод нагардида ва аз тафтиши антиплагиат нагузашта, инчунин ба мавзӯи конференсия номувофиқбударо нигоҳ медорад.

Масъулият вобаста ба мазмун ва муҳтавои маърӯзаҳо ба зиммаи муаллифони маърӯзаҳо мебошад.

## ТАЛАБОТ ОИД БА ТАРТИБИ ОРОИШИ МАВОДҲО:

Формати матни маърӯза А4, шрифт «Arial» (10пт), Масофаи сатри якум 0,5 см, масофаи байни сатрҳои матн якфосилагӣ (одинарный интервал). Ҳошияи варақ аз ҳама тараф 2 см. Дар матн овардани истинодҳо ба сарчашмаи маълумот ҳатмӣ мебошад - бо рақами дар дохили қавси квадратӣ ишора карда мешавад, мисол: [1].

**Сарлавҳа:** Дар варақи якум нишон дода мешавад: индекс аз рӯи таснифоти даҳии универсалӣ (УДК) (андозаи шрифт 10пт) - аз тарафи чапи кунҷи боло; баъдан дар маркази қисми болои варақ бо шрифти нимғафс бо андозаи 12пт бо ҳарфҳои калон номгӯи маърӯза навишта мешавад, дар поёни он бо шрифти андозаи 12пт ном ва насаби муаллифон ҷой дода мешавад. Унвон ва дараҷаи илмӣ, гурӯҳ - барои донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо дарҷ карда мешавад. Баъдан бояд ташкилоте, ки дар он муаллиф фаъолият менамояд, дарҷ гардад. Баъд аз як сатр ҷой дода мешавад «Аннотатсия» ва «Калимаҳои калидӣ».

**Аннотатсия (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ):** Калимаи АННОТАТСИЯ бо ҳарфҳои калон оғоз мешавад (шрифт нимғафс, курсив, 10пт); нуқта; Баъдан бо ҳарфҳои калон матни аннотатсия (курсив, 10пт). Аннотатсия бояд дорои истинод ба бобҳо, формулаҳо, расмҳо ва адабиётҳо бошад. Ҳаҷми аннотатсия 6-7 сатр.

**Калимаҳои калидӣ (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ):**

Баъд аз ҷой додани «Калимаҳои калидӣ» (шрифт 10пт) ду нуқта гузошта мешавад ва дорои на зиёда аз 5 воҳиди маъноӣ бошад.

**Матни асосии маърӯза бо шрифти 10пт ҳуруфчинӣ карда мешавад.**

**Рӯйхати библиографӣ.** Дар матн бояд истинод ба сарчашмаи маълумотҳо бошад. Дар марказ сарлавҳа «Рӯйхати библиографӣ» (андоза 10пт) ва баъд аз як сатр рӯйхати рақамгузоришудаи сарчашмаҳои маълумотҳо аз рӯи тартиби истинодҳои дар матни маърӯза овардашуда мувофиқ ба талаботи ГОСТ 7.1-2003 оварда мешаванд. Дар як банди рӯйхат танҳо як сарчашмаи маълумот нишон дода шавад. Миқдори истинодҳо дар рӯйхати библиографӣ на бояд камтар аз 5 воҳид бошад.

Формулаҳо бояд бо таҳриргари формулаҳо «Microsoft Equation» ҳуруфчинӣ шавад. Гузаронидани формулаҳо аз як сатр ба сатри дигар иҷозат дода мешавад дар аломати «ҷамъ» ва «тарҳ», дар ҳолатҳои камтарин «зарб». Ин аломатҳо дар саршавӣ ва охири гузариш такрор меёбанд. Танҳо он формулаҳое, ки дар матн истинод доранд, рақамгузорӣ карда мешаванд (рақамҳо арабӣ). Рақами формулаҳо бо қавси гирд иҳота карда мешавад.

Расмҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо дар дохили матн бо шакли стандартии графикӣ бо навиштаҷоти зери расмӣ оварда мешаванд. Онҳо бояд рақамгузорӣ (Ҷадвали 1 - Сарлавҳа, Расми 1 - Номгузорӣ) шаванд. Дар матни асосӣ танҳо истинод ба онҳо оварда шавад: ба расми 1.......

Ҷадвалҳо дар редактори Word нишон дода мешаванд.

Расмҳо, нақшаҳо ва ҷадвалҳои сканершуда иҷозат дода намешавад.

Мавод бояд дорои на зиёда аз 5 расм ё 5 ҷадвал бошад.

**Бақайдгирии иштирокчиёни конференсия ва қабули маърӯзаҳо** танҳо дар намуди электронӣ тариқи сайти конференсия www.archconf.tj амалӣ карда мешавад.

Шакли бақайдгирии электрониро танҳо яке аз муаллифон пур мекунад. Дар он нишон дода мешавад:

• Ном ва насаби муаллиф (пурра);
• Ҷойи кор (таҳсил)-и муаллиф бо нишон додани вазифа, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ; гурӯҳҳо (барои магистрантҳо ва аспирантҳо).

Ҳангоми мавҷуд будани ҳаммуаллифҳо:

• Ном ва насаби ҳаммуаллифҳо (пурра);
• Ҷойи кор (таҳсил)-и ҳаммуаллиф бо нишон додани вазифа, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ; гурӯҳҳо (барои магистрантҳо ва аспирантҳо);
• Номи маърӯза;
• Номгӯи бахш;
• Телефони муаллиф;
• E-mail-и муаллиф.

Маҷмӯаи маводҳои конференсия дар шакли электронӣ чоп мешавад ва дар сайти конференсия www.archconf.tj ҷой дода мешавад.

# ИНФОРМАЦИОННОЕ СООБЩЕНИЕ

Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан приглашает Вас принять участие в работе Международной научно-практической конференции на тему «Актуальные вопросы архитектуры и градостроительства», посвященной 30 летию государственной независимости Республики Таджикистан и Году архитектуры и градостроительства в Содружестве независимых государств в 2021 году.

Проведение конференции запланировано на 12 ноября 2021 года.

**Для участия на конференции приглашаются:** ученые, аспиранты, магистранты, докторанты, специалисты архитектурной, градостроительной и строительной отрасли.

**Цель конференции:** обмен научными и практическими взглядами, выявление перспектив создания и развития архитектуры, дизайна, строительства, качества строительства и производства строительных материалов, современных технологий в строительстве, развития международного сотрудничества для повышения качества проектирования и строительства, ценообразования, реализации и установления сотрудничества и деловых отношений в этих областях.

**Рабочие языки конференции:** таджикский, русский, английский.

**Конференцию планируется провести по следующим секциям:**

**Секция 1. Архитектура, строительство и градостроительство:**

- Архитектура зданий и сооружений;
- Градостроительство и ландшафтная архитектура;
- История архитектуры;
- Проектирование и дизайн;
- Теория архитектуры;
- Реставрация.

**Секция 2. Строительство. Современные технологии строительства:**

- Строительство;
- Современные строительные технологии и материалы;
- Тепло-, газоснабжение, вентиляция, водоснабжение и водоотведения;
- Инженерная геология и геодезия в строительстве;
- Подземные сооружения, основания и фундаменты;
- Надёжность строительных конструкций и оснований;
- Комплексная безопасность в строительстве;
- Информационные системы. Экономика и управление строительством. Ценообразование;
- Современные принципы организации строительства;
- Менеджмент и инновации в развитии инвестиционно-строительной сферы. Социальные, психологические и правовые аспекты в сфере строительства;
- Энергоэффективность. Инженерная и экологическая инфраструктура населённых мест;
- Геотехническое, энергетическое и гидротехническое строительство;
- Строительство дорог, мосты и транспортная инфраструктура.




**УСЛОВИЯ УЧАСТИЯ В КОНФЕРЕНЦИИ:**

Желающие принять участие в работе конференции в срок ***до 30 октября 2021 года*** заполняют регистрационную форму в электронном виде на сайте конференции ***www.archconf.tj.*** К регистрационной форме прикрепляются файлы следующих документов:

- электронный вариант доклада в формате *.docx;
- отсканированный первый лист доклада с подписями всех авторов в формате *.pdf;
- отсканированное подписанное экспертное заключение о возможности опубликования в открытой печати в формате *.pdf;
- отсканированная рецензия, подписанная рецензентом в формате *.pdf;
- фотография каждого автора в формате *.jpeg (в случае согласия автора на ее размещение на сайте конференции).
- отсканированная справка системы «АНТИПЛАГИАТ» в формате *.pdf;

Все доклады должны проходить процедуру проверки через систему «АНТИПЛАГИАТ». Оригинальность текста доклада должна составлять не менее 75% .

Форма участия в работе конференции - дистанционная - выступление с докладом посредством организованной интернет-трансляции, заочная - публикация статьи.

Количество докладов от одного участника не более 3 докладов. Объем рукописи: не менее 3 и не более 7 страниц, включая таблицы и графический материал. Количество ссылок в библиографическом списке не менее 5. Количество авторов не должно превышать четырех.

Оргкомитет оставляет за собой право не включать в сборник доклады, оформленные не по требованиям, не соответствующие научному уровню и тематике конференции, а также не прошедшие проверку на антиплагиат. Ответственность за содержание материалов несут авторы докладов.

**ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ:**

Формат А4, шрифт «Arial» (10 пт), отступ первой строки 0,5 см, межстрочный интервал одинарный.

Поля: везде 2 см. По тексту обязательны ссылки на источники информации - оформляются числами, заключенными в квадратных скобках, например: [1].

**Заголовок.** На первой странице указываются: индекс по универсальной десятичной классификации (УДК) (размер шрифта 10 пт) - слева в верхнем углу; далее по центру полужирным шрифтом размером 12 пт прописными буквами печатается название статьи, ниже обычным шрифтом (12 пт.) - инициалы, фамилия автора. Указывается учёная степень, звание, группа - для студентов, магистрантов, аспирантов. Далее указывается организация, где работает (учится) автор(ы) доклада.

Через строку помещается текст «Аннотация», ещё через строку - «Ключевые слова».

**Аннотация (на таджикском, русском и английском языках).** Начинается словом «Аннотация» с прописной буквы (шрифт полужирный, курсив, 10 пт); точка; затем с прописной буквы текст (курсив, 10 пт). Аннотация не должна содержать ссылки на разделы, формулы, рисунки, номера цитируемой литературы. Объем аннотации - 6-7 строк.

**Ключевые слова (на таджикском, русском и английском языках)** помещаются после слов «ключевые слова» (размер шрифта 10 пт), (двоеточие) и должны содержать не более 5 семантических единиц.

Основной текст рукописи набирается шрифтом 10 пт.

**Библиографический список.** В тексте должны содержаться ссылки на источники информации. Печатается по центру заглавие «Библиографический список» (размер шрифта 10 пт) и через строку помещается пронумерованный перечень источников в порядке ссылок по тексту в соответствии с действующим ГОСТом 7.1-2003 к библиографическому описанию. В одном пункте перечня следует указывать только один источник информации. Количество ссылок в библиографическом списке должно быть не менее 5.

Формулы необходимо набирать в редакторе формул «Microsoft Equation». Перенос формул допускаются на знаках «плюс» и «минус», реже - на знаке «умножение». Эти знаки повторяются в начале и в конце переноса. Следует нумеровать только те формулы, на которые есть ссылки в тексте (нумерация сквозная по всей работе арабскими цифрами). Номер формулы заключают в круглые скобки у правого края страницы.

**Рисунки, схемы и графики, таблицы** предоставляются в электронном виде включенными в текст, в стандартных графических форматах с обязательной подрисуночной подписью. Должны быть пронумерованы (Таблица 1 - Заголовок, Рисунок 1 - Наименование), озаглавлены (таблицы должны иметь заглавие, выравнивание по левому краю, а иллюстрации - подрисуночные подписи, выравнивание по центру). В основном тексте должны содержаться лишь ссылки на них: на рисунке 1……,

Таблицы предоставляются в редакторе Word.

Отсканированные версии рисунков, схем, таблиц и формул не допускаются.

Рукопись должна содержать не более 5 рисунков и (или) 5 таблиц.

Регистрация участников конференции и приём докладов производится **только в электронном виде** на сайте конференции www.archconf.tj.

Электронную регистрационную форму заполняет только один из авторов.

В ней указываются:

- Ф.И.О. автора (полностью);
- Место работы (учёбы) автора с указанием должности, учёной степени, учёного звания; группы (для магистрантов, аспирантов);

При наличии соавторов:

- Ф.И.О. соавтора (полностью);
- Место работы (учёбы) соавтора с указанием должности, учёной степени, учёного звания; группы (для магистрантов, аспирантов);
- Ф.И.О. второго соавтора (полностью);
- Место работы (учёбы) второго соавтора с указанием должности, учёной степени, учёного звания; группы (для магистрантов, аспирантов);
- Название доклада;
- Название секции;
- Телефон автора;
- E-mail автора.

Сборник материалов конференции будет издан в электронном виде, и размещен на сайте конференции www.archconf.tj.

CMYK

## Поль ВОЛЬКЕНШТЕЙН:

# «ПРИЯТНО ВИДЕТЬ, КАК ЛЮДИ ЛЮБЯТ СВОЙ ГОРОД»

**На днях гостем нашей редакции был молодой французский архитектор Поль Волькенштейн. За чашкой чая у нас завязалась интересная беседа, с которой и хотим ознакомить наших дорогих читателей.**

**- Поль, расскажите, пожалуйста, о себе и о цели визита в Республику Таджикистан.**

- Родился я в Париже в 1992 году. Учился в обычной французской школе. Для обучения иностранного языка я выбрал русский. Ведь это неспроста, потому что мои прадеды были русскими. Поступил в архитектурный институт в Париже. По обмену студентов между французским и русским архитектурными институтами я решил поехать в Россию. С 2013 по 2015 я учился в Московском архитектурном институте (МАрхИ). Готовил двойной диплом, то есть защищал свой диплом и в Москве и в Париже. В итоге я своего добился: есть и диплом МАрхИ и архитектора Франции.

Потом работал в одной архитектурной фирме в Париже. Через три года решил поступить в аспирантуру Национального института восточных языков и цивилизации. Ведь там преподают отличные специалисты, которые хорошо знают постсоветское пространство. Вот почему я решил поступить туда. Одна из моих руководителей Талин Тер-Миносян - армянского происхождения, которая отлично знает южный Кавказ, другая Катрин Пужол, специалист по Ценральной Азии.

Я работаю над темой: «Градостроительные акценты южнокавказских и центральноазиатских столиц». После пандемии я решил поехать на три месяца в Ереван, и вот уже два месяца я нахожусь в Душанбе, ну а дальше поеду в Бишкек и в другие столицы.

Я приехал в Душанбе, чтобы изучить уникальные объекты, которые были построены в поздние советские времена - советский модернизм. Для этого мне пришлось очень много работать с архивами, ведь в них есть очень ценные и хорошие документы, фотографии, чертежи, строительные паспорта. В Душанбе были два очень важных проектных института - «Гипрострой» (ныне ОАО «Шахрофар» и «Душанбегипрогор» (ныне «Душанбешахрсоз»). Эти институты мне любезно предоставили возможность работать в архивах. Две недели я работал над советскими чертежами и теперь работаю с опытными архитекторами, которые мне рассказывают об архитектуре советского периода.

**- С кем из коллег - архитекторов Таджикистана Вам удалось встретиться и познакомиться?**

- Мне посчастливилось познакомиться с профессором Рустамом Мукимовым, академиком Бахромом Юсуповым - председателем



Союза архитекторов Таджикистана, Эркином Примкуловым, Курчибеком Юсуповым, Диной Исмаковой, Зафаром Юсуповым, Хасаном Суяровым и другими.

**- Ваше впечатление о Таджикистане, горожанах и естественно об архитектурных сооружениях столицы.**

- Это мое второе посещение Таджикистана. Два года назад я через Ош посетил ГБАО, город Хорог как турист. Я был впечатлён красотой природы Памира и не обращал внимание на архитектуру. В этот раз, я специально приехал изучать и анализировать архитектуру столицы Таджикистана.

Душанбе покорил моё сердце, и я здесь чувствую себя как дома. Я сразу понял, как расположены главные улицы и объекты, площади и парки. Это важно когда иностранец приезжая в город не теряется. В городе есть постоянный транспорт, пешеходные переходы, очень много построено красивых зданий и сооружений и это хорошо. Но меня очень удивляет, почему у вас в республике используют псевдо классику, ведь сейчас 21 век, век новых технологий, появились новые стили. На западе если архитектор предлагает заказчику проект в стиле классики, то завтра он теряет своих клиентов. Про таких архитекторов у нас говорят: «Этот архитектор не мог ничего хорошего придумать, поэтому выполнил проект в классике».

В Душанбе мне очень понравились парки и озеленение и цветочное оформление улиц и скверов. Очень красивые декоративные и вечнозелёные деревья. Очень много в парках скамеек, где можно посидеть и отдохнуть. Меня очень удивило, что во всех парках вечерами очень много света и очень много народу с детьми. Словом живой город. Приятно видеть, как люди любят свой город.

**- Ваши впечатления об архитекторах Таджикистана, насколько они профессиональны? Задаю вопрос неспроста, дело в том, что в последние годы на разных уровнях звучит критика, что у нас в республике нет достаточно образованных профессиональных архитекторов.**

- Наверное, причина в том, что в Душанбе многие здания и сооружения строят по проектам архитекторов, которые еще до конца не сформировались как архитекторы, но каким-то образом получают заказы на проектирование многоэтажных жилых домов. Наверное, эти архитекторы используют демпинг, то есть соглашаются выполнить проект за очень низкую цену. В результате страдает качество проекта, а вина ложиться на всех архитекторов.

У нас во Франции, и во всех странах Евросоюза, если архитектор не подтвердил свой профессиональный статус, вступив в Союз архитекторов или Палату архитекторов, он не имеет право проектировать самостоятельно.

Я встречался с очень многими архитекторами, и заметил, что архитекторы старшего поколения имеют очень высокую степень профессионализма - это можно сказать «золотой фонд» национальной архитектуры Таджикистана. По их проектам построено очень много проектов и до настоящего времени они работают с молодыми архитекторами. Очень удивительно что такие профессионалы не до конца востребованы.

**- Вы закончили самый престижный на пространстве СНГ Московский архитектурный институт. По Вашему опыту учёбы в МАрхИ, что необходимо, для того чтобы наши архитектурные учебные заведения заканчивали профессионально грамотные молодые специалисты.**

- Я думаю, в архитектурных школах кроме теоретиков занятия должны вести и архитекторы - практики, имеющие большой опыт проектирования объектов. Только в таком сочетании архитектурные высшие учебные заведения могут выпускать профессионально грамотных специалистов.

**Беседу вела Д. ТАБАРОВА**

*Индекси обунаи рӯзнома:* 69022
*Суратҳисоби бонкии рӯзнома:* **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

*Муассис:*
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Учредитель:*
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
***- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ***

*Сардабир*
**Дилбар ТАБАРОВА**

*Ҳайати таҳририя*
**М. ЗУВАЙДЗОДА**
**А. КАРИМЗОДА**
**А. САФАРЗОДА**

*Саҳифабанд*
**Донийр САТТОРОВ**

*Нишонии идораи рӯзнома:*
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-39, 227-22-07**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1000** нусха

*Арзиши солонаи обуна:*
88 сомонӣ

*Хабарнигорон:* Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)
*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*

CMYK